ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №1 (346) 14-уми феврали соли 2024, чоршанбе (оғози нашр: соли 1994)

## ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ САДА



**(28.01.2024, шаҳри Душанбе)**

Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи шуморо ба муносибати чашни Сада, ки ҳамчун ёдгори бисёр гаронбаҳо аз аҷдоди некномамон ба мо мерос монда, ба шарофати соҳибистиқлолии Ватани азизамон эҳё гардидааст ва ба яке аз чашнҳои муҳимми миллии мо табдил ёфтааст, самимона табрик мегӯям.

Чашни Сада дар қатори Наврӯзу Тиргон ва Меҳргон аз даврони қадим то рӯзгори мо бо як силсила одобу суннатҳо, расму ойинҳо ва донишу таҷрибаҳои кишоварзӣ омада расидааст.

Ниёгони ориётабори мо ҳанӯз беш аз шаш ҳазор сол қабл аз ин ба ҳунармандиву косибӣ, истеҳсоли ашёи зарурии рӯзгор ва корҳои кишоварзиву боғдорӣ машғул будаанд.

Онҳо барои ҳар як фасли сол иду маросим ва одатҳои махсус доштаанд, ки ҳама бо табиат, заминдорӣ ва касбу кори гузаштагонамон пайванди мустаҳкам дошта, аз ҷониби хирду бузург таҷлил мегардиданд.

Чашни Сада яке аз ҳамин ойинҳои басо деринаи мардуми мо мебошад.

Дар муҳити зиндагии ориёёни қадим тақвимҳои мардумӣ шакл гирифта, гузаштагони мо аксари маросиму чашнҳоро дар асоси онҳо таҷлил мекардаанд.

Ҳамин аст, ки ниёгони мо барои чор фасли сол ойину чашнҳои алоҳидаро бунёд гузоштаанд.

Сада моҳиятан тақвими чиллашуморӣ аст, ки то ҳанӯз дар байни мо – тоҷикон роиҷ буда, кишоварзон тибқи он рӯзу моҳу фаслҳоро ҳисоб мекунанд ва дар корҳои деҳқонии худ истифода мебаранд.

Мувофиқи тақвими чиллашуморӣ аз 22-юми декабр чиллаи калон шурӯъ мешавад ва шаби даромадани чилларо ниёгони мо бо номҳои «Шаби чилла» ва «Шаби ялдо» ҷашн мегирифтанд.

Баъд аз анҷоми чиллаи калон, ки ба 30 январ рост меояд, чашни Садаро баргузор мекарданд.

Яъне ба ҳисоби мардум чиллаи калон давраи авҷи сардиҳо мебошад.

Аз ин хотир, дар аввалу охири он шабнишинӣ ва шодию нишот барпо карда, орзуи осоишу оромии рӯзгор ва файзу баракати корҳои кишоварзиро мекарданд.

Сада рамзи пирӯзии гармиву нур бар сардӣ ва торикӣ ба ҳисоб рафта, рамзи асосии он гулхани фурӯзони оташ мебошад.

Ин аст, ки яке аз рамзҳои чашни Сада аз болои оташ паридану нияти саломативу тандурустиву рӯйсурхӣ кардан мебошад, ки то кунун дар байни мардуми мо чун маросими «аловпарак» маъмул аст.

То фарорасии чашни Сада кишоварзон ҷӯйбору заҳкашҳоро ба тартиб даровварда, ҷуфт ҷӯйбору заҳкашҳоро ба тартиб даровварда, яхобмонии боғу токзорҳо ва обшӯйкунии заминҳоро анҷом медоданд.

Бахусус, дар ин давра тартиби кандани ниҳолҳо барои бунёди боғҳои нав аз ҷониби пирони рӯзгордида, маросими идонаи дарахтбурӣ, шаклдиҳии дарахтони меваҳиханда ва тоза кардани атрофи дарахтони сояафкан ба амал меомад.

Пас аз таҷлили чашни Сада деҳқонон аз фароғати зимистона берун омада, дар андешаи мавсими нави кишоварзӣ ва боғдорӣ мешуданд.

Зеро моҳ дар ин айём дар қишри Замин бедорӣ оғоз мегардад, ки замину замону табиатро барои эҳё омада месозад.

Яъне чашни Сада паёмовари чашни Наврӯзи оламафрӯз, омодагӣ ба ин ойини бузурги ориёӣ мебошад ва баъди панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯзи он чашни соли нави ориёӣ – Наврӯз фаро мерасад.

(идома дар саҳифаи 2)

## ШАРҲИ АМРҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН...




С. 10

## ЧАРО ПАЁМ МУҲИМ АСТ?



С. 4

## ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР РАҚАМҲО



С. 8-9

## ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ...



С. 11

*(идома аз саҳифаи 1)*

Дигар рукни муҳимми Сада ишора ба гардиши замонӣ барои оғози корҳои мавсими нави кишоварзӣ, яъне омода кардани олоти меҳнат, техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ ва тухмиҳои беҳтарини зироатҳо ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, дар раванди баргузории ҷашни Сада ташкил кардани намоиш ва фурӯши ниҳолҳои дарахтони меваdиҳандаву сояафкан ва ороишӣ амали бисёр муҳим ба шумор меравад.

Деҳқонону боғдорони мо бояд рӯзҳои таҷлили ин ҷашнро самаранок истифода бурда, ниҳолҳои беҳтарини дарахтону буттаҳо, гулҳо ва тухмиҳои хушсифатро ба харидорон пешкаш намоянд ва барои кабудизоркунии кишвар саҳми арзандаи худро гузоранд, ки амалӣ намудани онро мо то соли 2040 ҳадафи худ қарор додаем.

Вобаста ба ин, хотирнишон менамоям, ки бар асари тағйирёбии иқлим, гармшавии ҳарорати замин, инчунин, рӯз ба рӯз шиддат гирифтани вазъи иҷтимоиву иқтисодии ҷаҳони имрӯза, торафт зиёд шудани аҳолии сайёра ва афзоиши талабот ба озуқаворӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз табдил ёфтааст.

Солҳои охир доим таъкид месозам, ки ҳар як оилаи мамлакат бояд ба муҳлати то ду сол захираи маводи зарурии ғизоӣ дошта бошад.

Ин пешниҳод тасодуфӣ набуда, аз таҳлили амиқи вазъи пешгӯйинашавандаи ҷаҳони имрӯза, гусаста шудани занҷираҳои пешини таҳвили молу маҳсулот ва пайваста боло рафтани нархи маҳсулоти озуқаворӣ бармеояд.

Дар шароити бисёр мураккабу буҳронии ҷаҳони муосир мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, замину обро самараноку оқилона истифода барем, ҳарчи бештар маҳсулот истеҳсол кунем ва барои амалисозии ҳадафи стратегии миллиамон – ҳифзи амнияти озуқавории кишвар саҳми худро гузорем.

Қобили зикр аст, ки ҷашни Сада бо пешниҳоди Тоҷикистон 6-уми декабри соли 2023 дар иҷлосияи 18-уми Кумитаи ЮНЕСКО, ки дар шаҳри Касанеи кишвари Ботсвана баргузор гардид, ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид карда шуд.

Ин рӯйдоди муҳимми фарҳангӣ боиси ифтихори ҳар як фарди худогоҳу ватандӯсти мамлакат ва гувоҳи равшани инсонмеҳварии ҷашнҳои миллии мо мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ мо бояд арзишҳои миллии худро, ки ҷашнҳои миллӣ як ҷузъи муҳимми онҳо мебошанд, ҳифз карда, барои боз ҳам таҳкиму густариш ёфтани онҳо мусоидат намоем.

Кинаҳоро аз қалбҳо дур кардан, тозаву озода нигоҳ доштани хонаву кошона, сарсабзу хуррам гардонидани кӯчаву хиёбону гулгаштҳо ва ободу зебо намудани маҳалли зист аз суннатҳои дерини ҷашнҳои миллии мо, аз ҷумла Сада мебошанд.

Бовар дорам, ки мардуми мо ин анъанаи некро ба хотири тозаву озода нигоҳ доштани муҳити зист ва ободии Ватани маҳбубамон ҳамарӯза ва дар тамоми қаламрави мамлакат ба таври васеъ истифода мекунанд.

Бори дигар кулли мардуми шарифи кишварро ба ифтихори ҷашни бостонии Сада самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як фарди Тоҷикистон тандурустӣ, бахту саодат ва иқболи баланд орзу менамоям.

Ҷашни Сада муборак бошад, ҳамватанони азиз!

*http://www.president.tj/node/32446*

# НУКТАҲО АЗ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ

**Соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид.**

**Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд.**

**Тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ равона карда шуд.**

**Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем.**

**Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид.**

**Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд.**

**Бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намоянд.**

**Дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 21,9 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2023-юм 4 миллиард сомонӣ равона карда шуд.**

**Дар ин давра танҳо ҷиҳати пардохти кумаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат ва кӯдакони маъюб, инчунин, ҷубронпулии якваќта ба шаҳрвандони аз фалокатҳо зарардида 2 миллиарду 70 миллион сомонӣ равона карда шудааст.**

**Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд.**

**Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд.**

**Соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд.**

**Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад.**

**Танҳо аз ҳисоби зиёд шудани иқтидорҳои саноатӣ дар замони истиқлол талабот ба неруи барқ беш аз 800 мегаватт зиёд гардид.**

**Дар 75 соли замони гузашта (то соли 1991) дар Ҷумҳурӣ ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт.**

**Танҳо пас аз барқарорсозии сулҳу субот ва роҳандозии фаъолияти бонизоми соҳаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ мо имконият пайдо кардем, ки ба масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат машғул шавем.**

**Яъне мо ба рушди иқтисодии мамлакат аз соли 2000-ум – ҳамагӣ 23 сол пеш шурӯъ кардем.**

**Бояд гуфт, ки солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.**

**Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.**

**Низоме, ки дар 75 соли замони гузашта муҳлати истифодаи аксари таҷҳизоти он қариб ки ба анҷом расида буд, таҷдиду навсозӣ карда шуд.**

**Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.**

**Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад.**

**Таъмин намудани зиндагии осудаву босаодати наслҳои ояндаи халқамон моро водор месозад, ки ба ин масъала ҷиддӣ муносибат намоем.**

**Яъне мо бояд барои наслҳои оянда ниҳол шинонем, боғ бунёд намоем, Ватанамонро пешрафта гардонем ва чунонки доим таъкид менамоям, ба фарзандону набераҳоямон як мулки обод мерос гузорем.**

**Солҳои охир дастгирӣ ва имтиёзҳои барои рушди соҳаи кишоварзӣ пешниҳодгардида натиҷаҳои мусбат дода истодаанд: дар ҳафт соли охир ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 1,6 баробар зиёд гардидааст.**

**Танҳо дар асоси татбиқи имтиёз дар соҳаи парандапарварӣ дар ин давра шумораи корхонаҳои парандапарварӣ 3,3 баробар ва ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳа 5 баробар афзоиш ёфтааст.**

**Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори онҳо ва таҳким бахшидани иқтидори техникии соҳа ба маблағи 26,6 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар ин самт бомаром идома доранд.**

**Дарояндаи наздик роҳҳои Тоҷикистон ба сифати долони транзитӣ ва иқтисодии Чин – Тоҷикистон – Афғонистон ва Чин – Тоҷикистон – Ӯзбекистон – Туркманистон – Эрон – Туркия – Аврупо, инчунин, Тоҷикистон – Чин – Покистон истифода хоҳанд шуд.**

**Дар солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст.**

**Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст.**

**Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир дар бобари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардиданд.**

**Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид.**

**Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад.**

**Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.**

**Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад.**

**Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.**

**Хотирнишон менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд.**

**Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.**

*Тоҷикистони азизам, дилу ҷонам, Ватанам,*
*Шарафи ҳастии ман, ному нишонам, Ватанам. С. Аҳтам*



# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛӢ АЗ 28.12.2023




**Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, субoти сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.**

**Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.**

**Ҳамкории Тоҷикистон бо ҳамаи созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва ниҳодҳои дигар ба фароҳамсозии шароит ва имконот барои тақвияти мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва иштироки фаъоли он дар равандҳои глобалӣ ва барномаву заминаҳои мухталиф равона гардидааст.**

**Мо ҷиҳати таъмин намудани пойдории низом ва субoти байналмилалӣ аҳаммияти тақвияти нақши муҳимму ҳамоҳангсоз ва муттаҳидкунандаи Созмони Милали Муттаҳидро таъкид мекунем.**

**Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.**

**Маблағгузории соҳа мунтазам зиёд шуда, вазъи таъмини муассисаҳои тиббии кишвар бо таҷҳизоти ҳозиразамон ва неруи кадрӣ сол ба сол беҳтар мегардад.**

**Дар соли 2023 барои соҳаи тандурустӣ 3,3 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки дар муқоиса бо соли 2017-ум 2,3 баробар зиёд буда, 8,8 фоизи буҷети давлатиро ташкил медиҳад.**

**Ҳоло дар соҳа татбиқи 15 стратегияву барномаи миллӣ бомаром идома дорад.**

**Танҳо дар давоми соли 2023-юм 132 муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ сохта, ба истифода дода шуд.**

**Барқарорсозии қобилияти меҳнатии шахсони маъюб ва таъминоти онҳо бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ, тақвият бахшидани фаъолияти байнисоҳавии вазорату идораҳо дар самти ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, бо дарназардошти беҳтар намудани иқтидори заминавию захиравии мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ бозбинӣ намудани сохтори соҳа, ҳамчунин, андешидани чораҳои мушаххасро тақозо дорад.**

**Дар баробари ин, ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш медиҳам:**

**– аз 1-уми июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия, яъне зиёд карда шаванд.**

**– аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд;**

**– инчунин, аз 1-уми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд карда шавад;**

**Ҳамзамон бо ин, аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.**

**Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст.**

**Мову шумо нафақат дар як Рӯзи модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем.**

**Ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту субoти ҷомеа яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати мамлакат ба шумор меравад, зеро шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд.**

**Дар замони соҳибистиқлолӣ 140 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба зиёда аз 1 миллиону 420 ҳазор оилаи кишвар барои сохтмони манзили истиқоматӣ тақсим карда шуд, ки қисми асосии он ба оилаҳои ҷавон рост меояд.**

**Иштироки фаъоли ҷавонони мо ва пирӯзии онҳо дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ, бешубҳа, ба болоравии обрӯи кишварамон мусоидат менамояд.**

**Танҳо соли 2023 варзишгарони Тоҷикистон аз мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ 343 медал, аз ҷумла 108 тилло, 76 нуқра ва 159 биринҷӣ ба даст овардаанд, ки нисбат ба соли 2022-юм 226 медал зиёд мебошад.**

**Қобили ёдоварист, ки соли гузашта бо ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025, инчунин, 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо ва таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим ва мояи ифтихори мардуми шарафманди Тоҷикистон аст.**

**Мо аз ҳамкориҳои худ бо ҳамаи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва дигар шариконии рушд қаноатманд мебошем ва минбаъд низ бо мақсади таъмин намудани ҳадафҳои рушди устувор ҳамкориҳои худро бо онҳо густариш медиҳем.**

**Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагиву озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хурраму сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем.**

**Ман ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон эътимоди комил дорам.**

**Бо итминон изҳор менамоям, ки мо ҳама якҷо бо кору фаъолияти аҳлона Ватани азизамонро, хусусан, то ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии истиқлоли давлатӣ ободу зебо месозем, давлати соҳибистиқлоламонро пешрафта мегардонем ва эътибору обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.**

## ПАЁМ МУБОРАК!

Шукӯҳу манзалату шаъну эҳтиром муборак,
Намоди тантанаи давлату низом муборак,
Набарду ҳиммату пирӯзии мудом муборак,
Бузургии назару вусъати калом муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

Забону миллату таъриху нангу ном муборак,
Зуҳури тозаи фарҳангу фарру ҷом муборак,
Давоми дигари ин роҳи бардавом муборак,
Ва шаҳди неъмати худмеҳварӣ ба ком муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

Қиёми лолаи парчам ба авҷи бом муборак,
Нишони зарҳали ин тоқи нуқрафом муборак,
Субoту ваҳдату осудагии ом муборак,
Сапедаи саҳару рӯшании шом муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

*Абдуллоҳи Раҳнамо*

*Ватан мегӯям аз рӯзе, ки ман фаҳми сухан дорам,*
*Сухан мегӯям аз рӯзе, ки ман меҳри ватан дорам. М. Гоиб*



# ЧАРО ПАЁМ МУҲИМ АСТ?

## *(Ёддошти сиёсатшиносӣ бар 6 аҳаммияти Паёми солонаи Роҳбари давлат)*



**Абдуллоҳи Раҳнамо,**
**сиёсатшинос**

***Паём чист? Чаро он рамзи истиқлолияти давлатист? Чаро Паём дар вазъияти тантанавӣ ироа мешавад? Оё Путин Паёми президенти моро мехонад? Сохтори Паём чӣ гуна шакл мегирад? Мантиқи он чӣ тавр чида шудааст? Чаро паёмро «ҳуҷҷати роҳнамо» мегӯянд? Умуман, қудрат ва сирри Паём дар чист?***

### ПАЁМ ЧУН СУХАНИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ БА ҶОМЕА

Вожаи "паём" ба маънои суханест, ки касе барои касе мегӯяд ё расонад ва бештар ба маънои хабар, пайғом, мужда, нома, даъват ва огоҳӣ истифода мешавад. Ҳатто дар вожаи "паёмбар" калимаи "паём" маҳз ба ҳамин маънои сухан ва хабари фиристодашуда аз касе барои касе истифода ёфтааст. Яъне, Паёмбар ба маънои шахси оварандаву расонандаи паём ё сухани Худованд барои башарият мебошад.

**АММО** дар назарияи сиёсӣ ва амалияи давлатдории муосир Паёми роҳбари давлат ба маънои истилоҳӣ истифода шуда, **суханронии марҳилавӣ ва барномавии роҳбари як давлат дар муаррифии самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, вазъият ва рушду дастоварду фаъолияти давлат ё амалкарди нерӯи роҳбарикунандаи давлат дар марҳилаи муайян ва ҳадафу вазифаҳои нави он барои марҳилаи баъдиро ифода мекунад.** Дар он маъмулан маҷмуаи дидгоҳҳои ҷорӣ ва дурбурдии роҳбари давлат дар масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ фарҳангӣ, амниятӣ, байналмилалӣ ва ғайра ифода меёбанд. Он ҳамчун муҳимтарин суханронии иттилоотию ҷамъбастӣ ва дар айни замон, усулию самтмуайянкунандаи роҳбари давлат маъмулан бо тартибу ташрифоти махсус дар назди мардум ё намояндагони мардумӣ ироа шуда, талабот ё рӯйдоди муҳиммии давлатию сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Албатта, маънои истилоҳии давлатию коргузории "паём" дар асл аз ҳамон маънои аслию луғавии он чандон дур нест, зеро ба ибораи содда, Паёми ҳар роҳбари давлат дар амал ҳамон сухан, ҳарф, гуфтанӣ ва барномаест, ки ӯ мехоҳад барои мардуми худ ё барои ҷомеаи дохиливу хориҷӣ расонад. Аммо бинобар мақоми сиёсии роҳбари давлат ва моҳияти расмӣ ва муайянкунадагии ин сухану муроҷиати ӯ, паёми роҳбари давлат аҳаммияти махсуси ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, консептуалӣ ва байналмилалӣ касб карда, дар мақоме фаротар аз як сухану суханронии маъмулӣ қарор мегирад. Аз ин ҷиҳат, Паём ҳуҷҷати расмии давлатист, ки мақоми расмии ҳуқуқӣ ва барои ниҳодҳои давлатӣ моҳияти роҳнамоӣ дорад.

### ҶОЙГОҲИ ПАЁМ ДАР НИЗОМИ ДАВЛАТДОРӢ: НАЗАРИЯИ УМУМӢ ВА ҚИЁСИ ХУСУСӢ

Барои дарки аҳаммият ва моҳияти Паёми роҳбари давлат дар низоми сиёсӣ ва идории давлатдории муосир ва хусусиятҳои Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ намуд:

**ЯКУМ,** Паёми роҳбари ҳар давлат, пеш аз ҳама моҳияти маълумотию ҳисоботӣ дорад. Ба воситаи Паём роҳбари давлат дар бораи вазъияти ҷории кишвар ва фаъолияти худ ва ҳамкоронаш (командааш) дар марҳилаи муайян маълумоту ҳисобот дода, бурду бохти давлат ва худро назди ҷомеа ба миён мегузорад. Давраи ҳисоботии Паём метавонад сол ё марҳилаи муайяни рушд ё таърихро дар бар гирад ва чунин бахши ҳисоботӣ дар шакли чудогона ва ё зимни таҳлилу баррасии соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти кишвар дар ҳамаи Паёмҳои солонаи Роҳбари давлат дида мешаванд. Моддаи 70 Конститутсияи кишвар низ маҳз "дар бораи вазъи кишвар" ба маҷлиси якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот додани Президентро пешбинӣ мекунад.

Дар ин бахш маъмулан бо як занҷири таҳлилию мантиқӣ нишон дода мешавад, ки вазъияти аввалия(1) ва вазифаи гузошташуда(2) чӣ буданд, кори анҷомшуда(3) ва натиҷаи ҳосилшуда(4) чист, мушкилу масъалаи боқимонда(5) кадом аст, вазифаи ҳадафии баъдӣ(6) ва супориши нав(7) дар ин самт чист.

Ба таври мисол, дар бахши оғозии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар поёни соли 2016 дастовардҳои кишвар дар 25 соли истиқлол таҳлилу баррасӣ гаштаанд, зеро он дар соли 25-солагии истиқлоли давлатӣ ироа шуда буд. Ё дар оғози Паём барои соли 2020 бурду бохти 7 соли охири фаъолияти Ҳукумат таҳлил шудааст, зеро он навъе ҷамъбасти муҳлати навбатии 7-солаи фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузориш аз сатҳи иҷрои барномаҳои интихоботии соли 2013-ро баён мекард. Шояд бахше аз Паёми соли оянда ба таҳлили дастовардҳои кишвар дар 30 соли истиқлол ихтисос ёбад.

Дар навбати худ, хусусияти ҳисоботии Паёмҳои роҳбарони давлат моҳиятан ду нуктаи муҳимро ифода мекунад:

**1.ҲИСОБОТДИҲАНДА БУДАНИ РОҲБАРИЯТИ ДАВЛАТ ДАР НАЗДИ МАРДУМ.** Масалан, дар низоми давлатдории Тоҷикистон, нишасти якҷояи палатаҳои Маҷлиси Олии кишвар, ки дар он намояндагони бевоситаи мардумӣ (вакилони Маҷлиси намояндагони МО ҶТ) ва намояндагони расмии минтақаҳои кишвар (аъзои Маҷлиси миллӣ МО ҶТ) иштирок мекунанд, маҳз намояндагӣ ва ҳузури мардуми кишварро ифода мекунад. Ба ин восита, ҳисобот дар бораи фаъолияти роҳбарияти кишвар дар марҳилаи муайян маҳз дар назди мардум ироа шуда, маҳз аз тарафи мардум қабул мешавад. Ҳамчун ба "мардум" муроҷиат шудан ба вакилон ва аъзои Маҷлиси Олии ҶТ танҳо маънои рамзӣ надорад, балки аз назари ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ низ дар баробари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз парламенти кишвар ниҳоди босалоҳияти намоянда аз халқи кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар канори вакилон ва аъзои Маҷлиси Олӣ, иштироки фаъолони ҷомеа, намояндагони қишрҳои гуногуни аҳолӣ, намояндагони ташкилотҳои эҷодӣ, аҳли фарҳангу зиё ва ғайра дар шунидани Паём аҳаммият ва ҳатмияти ҳуқуқӣ надорад, зеро Паёми Президент расман маҳз ба Маҷлиси Олии кишвар ироа мешавад ва номи расмии ин ҳуҷҷат низ "Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад. Аммо чунин иштироки васеи меҳмонон аз қишрҳои гуногуни ҷомеа аз назари сиёсӣ муҳим буда, ҳам ба худи ин ҳуҷҷати давлатӣ ва ҳам ба маросиму ташрифоти ироаи он шукӯҳу машруияту мардумияти иловагӣ мебахшад.

**2.МОҲИЯТИ ДЕМОКРАТӢ ДОШТАНИ НИЗОМИ ИДОРӢ.** Ҳисоботдиҳандагии солонаи роҳбари кишвар дар назди мардум (ба воситаи Паём дар ҳузури намояндагони мардум) яке аз нишонаҳои муҳимтарини низоми мардумсолорист, ки ба ин восита роҳбарияти ҳар кишвар фаъолияти худро ба доварии мурдум мегузорад. Бинобар ин, барои ироаи чунин паёми ҳисоботӣ Роҳбари давлат ва командаи ҳамкоронаш мӯҳҳо омодагӣ мебинанд, то аз ин ҳисобот бо муваффақият бароянд. Дар раванди мураккабу тӯлонӣ ҳар хулосаву тезис, ҳар рақаму натиҷа, ҳар вазифаю пешниҳод ва ҳатто ҳар калимаю ибора ба таври ҷиддӣ санҷидаву суфта мешаванд. Ин раванд барои роҳбарияти кишварҳо ба ҳадде муҳим ва мураккаб аст, ки масалан, дар Федератсияи Россия пас аз ироаи бомуваффақияти Паёми солонаи Президент, ба аъзои гурӯҳи таҳлиливу корӣ ба таври расмӣ унвону мукофотҳои баланди давлатии "За активное участие в подготовке Послания Президента Российской Федерации Федеральному Собранию" дода мешавад, ки дар тарҷумаи ҳолу ифтихороти онҳо дидан мумкин аст.

Аммо ин ҳолат, ки дар амалияи сиёсии ин ё он кишвар, вакилони мардумӣ дар баррасию қабули паёми президент фаъол ё ғайрифаъоланд, ба замон ё макони муайян вобастагӣ дошта, ҳаргиз аҳаммияти моҳиятии ин механизми ҳисоботдиҳандагии демократиро дар низоми давлатдорӣ коҳиш намедиҳад. Зеро, ин ҷо сухан дар бораи тарзи кори амалии худи ин механизм меравад.

**ДУЮМ,** Паёми солонаи роҳбарони давлатҳо аҳаммияти бисёр муҳимми сиёсӣ ва рамзӣ дошта, худи ҳастии давлатии миллат ва истиқлолияти сиёсии давлатро ифода мекунад. Новобаста аз чигунагии мазмуни сиёсату барномаҳои Паём, **худи аз тарафи Роҳбарияти як кишвар мустақилона муайян ва озодона эълон шудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, моделу шеваи давлатдорӣ, низоми арзишҳои интихобшуда ва тарзу марҳилаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар маҳз маънои худмуайянкунии давлатӣ ё истиқлолияти сиёсии кишварро дорад.** Яъне, худи Паём додани роҳбари давлат хоси давлатҳои мустақилест, ки моҳият ва самтҳои сиёсатгузории худро худашон мустақилона муайян мекунад.

Аз ин рӯ, дар кишвари мо низ худи ҳамасола ироа шудани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аломатҳо ва атрибутҳои асосии истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Агар сарнавишти таърихии миллати тоҷикро пеши назар орем, худи ҳодисаи имрӯз мустақилона Паём додан, яъне мустақилона муайян кардани сарнавишти худ, дар ҳақиқат, тантанаи давлатдории миллӣ ва амалӣ шудани орманҳои таърихии гузаштагони мо дар бораи соҳибдавлатӣ ва истиқлолият аст. Ин ҷанбаи паём ҳамчун акти давлатӣ ва набзи давлатдорӣ бисёр муҳим мебошад.

Аз ин назар низ ташрифоти махсуси давлатӣ доштани марсими ироаи Паём, ҷалби намояндагони фаъоли ҷомеа дар маросими шунидани он ва як навъ ҳолати идонаву тантанавӣ гирифтани худи ин рӯйдод маҳз аз назари ба маънои рамз ё тантанаи истиқлолияти давлатӣ фаҳмида шудани он муҳим мебошад. Ба ин маъно, ҳар Паёми солонаи роҳбари давлат як таъкид ба худсолории миллӣ ва як ҷашни истиқлолият аст. Ин ҷо низ, новобаста аз мазмуни Паём, ки метавонад ҳолат ё сиёсати хоссеро дар замони муайян ифода кунад, аҳаммияти сиёсӣ ва рамзии он ҳамчун аломати истиқлолияти давлатӣ боқӣ мемонад.

**СЕЮМ,** Паёми солона ё марҳилавии роҳбари давлат аҳаммияти бисёр муҳимми байналхалқӣ дорад. Он дар асл сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, роҳи интихобкардаи кишвар, тавозун ё гароиши геополитикӣ, марҳилаҳои тайнамудаи он, низоми арзишҳову ормонҳо ва мушкилоту комёбиҳои кишварро барои ҷаҳониён муаррифӣ мекунад. Илова бар ин, дар бахши махсуси Паём нигоҳи кишвар ба равнадҳои асосии байналмилалӣ, мавқеи давлат нисбат ба онҳо ва ба умуман, моҳияти сиёсати хориҷии кишвар ва муносибати он бо созмону кишварҳои муайян нишон дода мешавад. Ин ҳолат Паёмро ба як санади дорои аҳаммияти дипломатӣ ва фароимиллӣ табдил мекунад.

Таҳлили матнҳо нишон медиҳанд, ки Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пайваста ин бахшу унсурҳои муҳимро дар бар мегиранд. Роҳбари давлат маъмулан дар Паёми худ равандҳои минтақавӣ ва ҷаҳониро ба таври муфассал арзёбӣ намуда, мавқеи Тоҷикистонро дар ин мавридҳо нишон медиҳад. Гарчӣ аз назари сохторӣ бахши "хориҷӣ" маъмулан дар қисмати поёнии Паём ироа мешавад, аммо вобаста ба вазъияти минтақа ва ҷаҳон он метавонад дар Паём ҳолати барҷаста ва таъкидшуда низ гирад. Масалан, Паём барои соли 2018 (аз 22 декабри соли 2017) маҳз аз таҳлилу баррасии васеи вазъияти ҳассоси минтақавӣ ва байналмилалӣ, шиддати марҳилаи нави "ҷанги сард", шарҳи мавқеи Тоҷикистон нисбат ба равнадҳои ҷаҳонӣ ва эълони авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар дар шароити пешомада оғоз шуд.

Ин аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳи махсус дода, матни онро бо диққат меомӯзад. Касоне, ки бо низоми кори давлатӣ ва муносибатҳои хориҷӣ ошноянд, ин таваҷҷуҳи берунӣ бо Паёмро хуб медонанд, аммо барои касони берун аз ин мавзӯъ чунин таъкид гоҳо муболиға менамояд. Масалан, соле пеш шоири шинохтаи тоҷик Ато Мирхоҷа дар аҳаммияти Паём шеъре суруда буд, ки ба таваҷҷуҳи махсуси кишварҳо ва роҳбарони хориҷӣ ба он низ ишора дошт:

Паёмашро кунад таҳлил Путин,
Трамп аз он баҳо бидҳад ба тоҷик,
Ба тафсираш нишинад Син Тзинпин,
Қазоқу қирғизу афғону узбек...

Баъзе дӯстон дар шабакаю расонаҳо ин расми маъмултарини муносибатҳои байнидавлатиро ситоишу маддаҳи пиндошта, онро ҳатто ба мазоҳ кашиданд, ки "наход роҳбарону марказҳои муҳимми минтақавию ҷаҳонӣ ба Паёми роҳбари кишвари мо чунин таваҷҷуҳ дошта бошанд?!" Албатта, шеър пеш аз ҳама асари бадеист, аммо ҳамчун яке аз собиқадорони бахши таҳлилу ташаккули сиёсати хориҷӣ метавонам бигӯям, ки ин шеър маҳз воқеияти ҳамин масъаларо ифода кардааст. Зеро, тибқи маъмул, давлатҳо паёмҳои солонаи роҳбарони давлатҳои шарик ё рақиби худро бо диққат пайгирӣ ва таҳлил мекунад. Масалан, ҳамаи сафоратҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон ба таври табиӣ вазифадоранд, ки мазмуни Паёми солонаи роҳбари кишвари мизбонро таҳлил карда, ба роҳбарияти давлати худ фиристанд. Дар ин кор, илова бар ташхиси самту интихобу авлавиятҳои кишвари мизбон, онҳо хусусан ба ин нуктаҳо таваҷҷуҳ мекунанд, ки роҳбари давлати мизбон дар бораи давлати онҳо ё дар ин ё он масъалаи минтақавию байналмилалии мавриди назари онҳо чӣ мавқеъ гирифтааст, ба кадом самти ҳамгароӣ ё геополитикӣ тамоюли ошкор ё ниҳон нишон додааст ва ғайраҳо...

*(давом дорад)*

# ПАЁМИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ- САЙҚАЛИ ҶАВҲАРИ ИЛМУ МАЪРИФАТ

***(дар ҳошияи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12.2023)***

Тоҷикистони азизи мо тӯли 33 сол боз Истиқлолияту озодии комил дорад. Мардуми шарифи ин меҳани муқаддас аз меваҳои шаҳдбори истиқлолияту ваҳдати миллӣ ком ширин менамоянд. Воқеан ҳам Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон барои ҳар фарди солимфикру бомаърифат сарчашмаи тамоми хушбахтиҳову пирӯзиҳост. Имрӯз мо дар фазои орому осуда ва зебову назаррабои ин Ватани маҳбуб зиндагӣ менамоем. Истиқлолият рамзи сарҷамъиву соҳибихтиёрӣ ва мустақилияту иродатмандии ҳар як фарди Тоҷикистони биҳиштосост. Фаромуш набояд сохт, ки ин неъмати бебаҳо ба гарави ҷони ҳазорон фидоиёни меҳандӯсту сарсупурда ва талошу ҷонисориҳои абармардони шуҷои ватан ба даст омадааст. Аз ин лиҳоз, дар хотир бояд дошт, ки тамоми муваффақиятҳое, ки имрӯз мо дорем аз баракати истиқлолият ва ваҳдати миллист.

Парчами миллӣ, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Конститутсия, ҳамчунин марз ва сарҳади давлатӣ ин ҳама нишонаҳои соҳибистиқлоливу соҳибватании мо мардуми некбахти Тоҷикистон мебошад. Дар баробари ин ҳама муқаддасот ва нишонаҳои давлатдорӣ Паёми солонаи роҳбари давлат ба Маҷлиси Олии малакат низ нишони барҷастаи давлатдориву тантанаи ватандорист.

Воқеан ҳам, Паёми Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олӣ ин паёми шодиву сурӯр ва пайки тамоми хушбахтиву хуррамии кулли мардуми некахтари Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад. Ҳар Паёми Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олӣ таҷасумгари тамоми муваффақияту комёбӣ ва роҳнамову муайянкунандаи самти фаъолияту муваффақиятҳои ояндаи Тоҷикистони биҳиштосост.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтрам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахусти давлатдориашон соҳаи илму маорифро соҳаи афзалиятноку калидӣ арзёбӣ намуда, дар ин меҳвар мавқеъ ва мақоми омӯзгоронро бағоят баланд бардошта истодаанд.

Пешвои муаззами миллат дар воқеъ пешрафту устувории иқтисодиёти мамлактро ба инкишофи илму маърифат ва саводнокии аҳли ҷомеа нисбат дода таъкид намуданд, ки «Рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад». Бе шубҳа, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои пешрафту шукуфоии давлат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Бо тараққӣ ёфтани рушди сармояи инсонӣ имконияти баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ бештар мегардад.

Вобаста ба ин масъала Президенти мамлакат дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олӣ иброз намуданд, ки «Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад».

Ҷиҳати татбиқи амалии ғояҳои сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар робита ба ин, Президенти кишвар ба Ҳукумат, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия ва Академияи миллии илмҳо супориш доданд, ки ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд.

Бо вуҷуди талошҳои пайгиронаи роҳбарияти олии сиёсии мамлакат ҳанӯз ҳам барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иншооти таълимӣ ва ҷои нишаст басандагӣ намекунад, ки ба таъкиди Пешвои миллат «... 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, вале ин ҳоло ҳам кам аст. Зеро ҳанӯз 73 ҳазор хонанда бе ҷойи нишаст мемонад».

Ҳамчунин дар суханронии Президенти мамлакат оварда шуд, ки «Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд». Мо ҷомеаи омӯзгорон воқеан хушҳол аз онем, ки Ҳукумат Тоҷикистон, хосса, Президенти малакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми имкониятҳои мавҷударо истифода намуда, баҳри рушди соҳаи илму маориф кӯшиш ва талоши хастанопазир менамоянд.

Вазъи ноорому зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯзаро ба иннобат гирифта Пешвои миллат таъкид доштанд, авзои кунунии ҷомеаи ҷаҳонӣ низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. «Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад» - иброз намуданд Пешвои муаззами миллат.

Албата, барои дар амал татбиқ намудани тамоми нишондодҳои Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ, ки ба соҳаи илм ва махсусан маорифи кишвар нигаронида шудааст, пеш аз ҳама, аз ҳар як омӯзгор маҳорати баланди касбӣ ва садоқату самимият нисбати пешаи омӯзгорӣ талаб карда мешавад. Ҳамчунин, дар ин росто бояд ҳар яки мо омӯзгорон нисбати касбу кори хеш – таълиму тарбияи насли ояндасози миллат, серталаб ва ҷиддиву накӯкор бошем ва пайваста барои боз ҳам баланд бардоштани маҳорати касбии хеш кӯшишу талош намоем. Вобаста ба ин ҷиҳати масъала дар Паёми фавқуззикр Президенти мамлакат қайд намуданд, ки «Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад».

Ҳамин тавр, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун солҳои қаблӣ дар Паёми имсолашон ба Маҷлисӣ Олии малакат низ дар боби мактабу маориф ва баланд бардоштани сатҳу сифати раванди таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот, беҳтар намудани савияи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, мустаҳкам намудани базаи моддӣ – техникии муассисаҳои таълимӣ ва бад-ин васила тарбияи сазовори насли ояндасози миллатро ҳамчун ворисони ҳақиқиву арзандаи ин меҳани маҳбуб маҳаки ин ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ қарор доданд.



*Зулфиев Гадомад, н.и.ф., дотсент, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

## Шеъри рӯз



**Файзи Ашӯр**

### ДУРУСТ НЕСТ!

Нашнидани насиҳати пирон дуруст нест,
Нодидани фазилати эшон дуруст нест.
Болонишин агарки нагардад, занад ба чашм,
Ҷойи чароғу пир ба поён дуруст нест.
Пурсидан аз муҳаббати борону дашти гул
Аз хорҳои хушки биёбон дуруст нест.
Вақти тараб шинос, ки гул кардани дарахт
Дар як-ду рӯзи гарми зимистон дуруст нест.
Рақсу суруду мадху ситоиш ба бӯйи айш
Дар зодрӯзи мардуми нодон дуруст нест.
Бар сахт ҷӯй сахттареро, ки ҳисси нарм
Аз чормағз ҷустани дандон дуруст нест.
Гар кам диҳад, бисоз, чу беғам диҳад, биноз,
Ранҷи ту пушти ганҷи фаровон дуруст нест.
Фармон бидеҳ, агарки бувад ҳаққи ту, вале
Дар ҷои илтимоси ту фармон дуруст нест.

## Як ҳикмат

### ТАҚЛИДИ НОДУРУСТ

Дар марғзори зебо ва сарсабз кабке зиндагӣ мекард, ки хеле ором ва бо тамкин қадам бармедошт. Ин шакл қадам задани кабк боис шуда буд, ҳайвоноти зиёде алоқа дошта бошанд, то ин ки мисли кабк роҳ бираванд. Ба ҳамин далел рӯи шохае ба интизор менишастанд, то роҳ рафтани кабкро нигоҳ кунанд.

Дар байни парандагони алоқаманд ба роҳ рафтани кабк зоғ ҳам буд, ки муддатҳо бо шавқ ба роҳ рафтани кабк нигоҳ мекард, то ин ки як рӯз ба худ гуфт: -Магар ман аз кабк чӣ камӣ дорам? Кабк минқор дорад, ки ман ҳам дорам, кабк ду бол дорад, ки ман ҳам дорам, аз назари қаду қомат ҳам мо ба ҳам шабеҳ ҳастем. Фақат ранги парҳои мо фарқ дорад, ки ин тафовут нақше дар роҳ рафтани мо наметавонад дошта бошад. Чаро ман мисли кабк роҳ наравам?

Бо ин мақсад, зоғи ҷавон аз фардо ба дами лонаи кабк мерафт, то вақте кабк аз лона хориҷ мешавад, роҳ рафтани ӯро ба диққат зери назар бигирад, то тавонад дақиқан шабеҳи ӯ роҳ равад. Чанд рӯзе, ки гузашт, бо худ гуфт: - Ин қадар ки фикр мекардам, кори сахте набуд. Ман ҳам метавонам ба зебоии кабк роҳ биравам.

Як рӯз зоғ тасмим гирифт, ки аз он рӯз шакли кабк роҳ биравад ва ин корро ҳам кард. Зоғи нодон бо ифтихор сарашро ба тамом боло гирифт ва ба роҳ афтод ва аз назди ҳар ҳайвоне, ки мегузашт, таънае ба ӯ мегуфтанд. Тӯтӣ гуфт: - Оҳой, зоғ! Чӣ кор мекунӣ? Чизе шудааст? Чаро ин тавр роҳ меравӣ? Вале зоғ, ки аз ғурур ва рафтораш сармаст шуда буд, бе ягон таваҷҷуҳ ба ҳарфҳои тутӣ ба роҳ рафтанаш идома дод.

Зоғ худаш эҳсос мекард, ки ба хубӣ наметавонад роҳ биравад ва мувозинаташро нигоҳ дорад. Вале медид ҳамаи ҳайвонот мутааҷҷиб шудаанд ва бо ангушт ӯро ба якдигар нишон медиҳанд ва механданд, лаззат мебурд. Ӯ фикр мекард, онҳо аз зебоии роҳ рафтани як зоғ тааҷҷуб кардаанд.

Каме пештар рафт, чуғди доно, ки дар рӯи шохае дар ҳоли чурт задан буд, садои хандаву қаҳқаҳаи ҳайвонот ва парандагонро шунид. Чашмонашро боз кард, ӯ ҳам аз дидани зоғ, ки сайъ мекард шабеҳи кабк роҳ равад, хандааш гирифт. Зоғро садо карду гуфт: - Зоғ! Чӣ кор мекунӣ? Баъд аз як умр роҳ рафтану парвоз кардан, ҳоло меҳоҳӣ худатро шабеҳи парандагони дигар бикунӣ! Зоғ, ки ҳамзамон ҳам роҳ мерафт ва ҳам ҳарфҳои чуғдро гӯш мекард, ногаҳон пойҳояш печ хурд ва афтод рӯи замин, садои дастаҷамъии ҳайвонот баланд шуд.

Зоғ хиҷолатзада шуд ва хост худашро ҷамъу ҷӯр кунад ва ба шеваи роҳ рафтани худ ба роҳаш идома диҳад, дид, ки наметавонад. Зоғ он қадар ин чанд рӯз диққат карда буд, ки дақиқан мисли кабк роҳ биравад, ҳоло ки замин хӯрда ва пояш дард гирифта буд, дигар ҳатто қодир набуд ба таври худаш ҳам роҳ равад. Ин бор ҳайвонот ва парандагоне, ки то он лаҳза аз рӯи тавоноии аҷиби зоғ ба ӯ нигоҳ мекарданд ва механдиданд, тааҷҷуб карданд, ки ӯ дигар наметавонад ба хубӣ ба сабки худаш роҳ биравад, ки чуғди доно гуфт: - Аҷаб зоғи нодоне! Омадӣ, роҳ рафтани кабкро ёд бигирӣ, роҳ рафтани худат ҳам аз ёдат рафт.

Мантиқ: дар вуҷуди ҳар кас истеъдодҳое ниҳон аст, то ин ки инсон он истеъдодҳоро парвариш диҳад ва аз онҳо дуруст истифода бараду зиндагии худро бисозад, на ин ки истеъдодҳои хешро нодида гирифта, бо истеъдодҳои дигарон муқоиса карда, аз тақлиди нодуруст, ки ба ҷуз пушаймонӣ натиҷаи дигаре надорад, амал кунад.

*Таҳияи Муҳаммадҷони Абдувоҳид*

Бикӯш имрӯз то тухме бикошӣ,
Ки фардо дар ҷаве қодир набошӣ. Бедил

Анвори дониш
№1 (346), ЧОРШАНБЕ, 14.02.2024

# НАТИҶАГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР

*Суханронии ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек дар нишасти матбуотии донишгоҳ бо иштироки намояндагони ВАО аз 02.02.2024*

**Муҳтарам намояндагони ВАО,**
**Ҳамкорони гиромӣ,**
**Ҳозирини арҷманд!**

Чунончи ҳамагӣ шоҳид будем, 28.01.2023 Паёми ояндаафрӯзу раҳнамои Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ироа ва соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, ҳаёти сиёсиву ҳуқуқӣ, фарҳангиву маданӣ ва сиёсати хориҷии мамлакат мавриди таҳлилу арзёбии мукаммал қарор гирифта, самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати ҷумҳурӣ, Маҷлиси Олӣ, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои давлативу ҷамъиятӣ, бо назардошти мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, муайяну мушаххас гардид.

Пешвои маҳбуби миллат, бо эътимоди комил ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон, даъват ба амал оварданд, ки ҳама якҷо бо кору фаъолияти аҳлона Ватани азизамонро, хусусан, то ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии истиқлолияти давлатӣ ободу зебо, давлати соҳибистиқлоламонро пешрафта ва эътибору обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем.

Ҳамчунин, бо назардошти 30-солагии қонуни асосии давлати соҳибистиқлол, Конститутсияи ормонии халқи кишвар, «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шудани соли 2024 падидаи бисёр хушоянду мавриди истиқбол буда, хоса аз мо масъулини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, роҳандозии силсилаи чорабиниҳои илмӣ-маърифатӣ, озмуну олимпиадаҳо, тарғибу ташвиқи васеи асосҳои конститутсионии давлат ва қонунгузории миллиро тақозо менамояд.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки яке аз муассисаҳои бонуфузи таълимии кишвар дар самти омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ ба ҳисоб рафта, бо роҳнамоии Вазорати маориф ва илм баҳри татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи касбияти омӯзгорон, хоса омӯзгорони ҷавон, тақвияти заминаҳои моддӣ-техникӣ ва зарфияти илмии муассиса, ташкили озмоишгоҳҳои замонавӣ, кашф ва парвариши насли ихтироъкор, таъмини ҳамгироии илм бо истеҳсолот, мусоидат ба саноатикунонии босуръати мамлакат, тадбирҳои омодасозии шогирдон ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ, тарғибу ташвиқи ғояҳои ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ миёни омӯзгорону донишҷӯён пайваста иқдомҳои судмандро рӯйи кор меоварад.

Самараи заҳмати аҳлонаву пурмаҳсули коллективи муътабари Донишгоҳ, тавсияҳои устодони иззатманду соҳибмактаб, пирони кор аст, ки натиҷаҳои таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии ҳайати профессорону омӯзгорон, фаъолияти муассиса дар самти робитаҳои байналмилалӣ ва корҳои ободониву хоҷагидорӣ, дастовардҳои донишҷӯён дар озмуну олимпиадаҳои шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ дар соли 2023 қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Соли 2023 фаъолияти 5-солаи густурдаи ҳайати омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ аз тарафи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор гирифта, тибқи хулосаи гурӯҳи кории ин ниҳод, қаноатбахш арзёбӣ гардид.

Маврид ба зикр аст, ки дар соли 2023, тибқи қарори Шурои олимони донишгоҳ аз санаи 29.03.2023, бахши илмҳои математика, иқтисодиёт ва сиёсатшиносии маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» тасдиқ шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.06.2023 сабти ном шуд. То имрӯз 4 шумораи маҷаллаи мазкур ба табъ расидааст.

Соли 2023 Стратегияи рушди Донишгоҳ барои 5 соли навбатӣ, бо назардошти талаботи бозори меҳнат, беҳтарсозии вазъи таълиму тарбия, ҷалби бештари довталабон ба Донишгоҳ, ҳавасмандсозии омӯзгорони ҷавон, тақвияти заминаи моддӣ-техникӣ ва зарфияти илмии таълимгоҳ, бунёди биноҳои нави таълимӣ, хобгоҳҳо барои донишҷӯёну омӯзгорон, такмили озмоишгоҳҳои мавҷуда ва ташкили озмоишгоҳҳои наву замонавӣ, рушди хоҷагии минтақа ва ҷумҳурӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Соли 2023 бо дастгирии Вазорати маориф ва илм ва Бонки Ҷаҳонии Рушд дар доираи татбиқи лоиҳаҳои «Рушди таҳсилоти олӣ» ва «Такмили барномаҳои таълимии ихтисоси биология (биотехнология) вобаста ба талаботи бозори меҳнат» дар факултети химия ва биология 1 озмоишгоҳи муосири химиявии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зарурии соҳавӣ мавриди истифода қарор дода шуд, ки барои донишҷӯёну магистрантон, докторантони PhD, унвонҷӯёну муҳаққиқони соҳаҳои марбутаи илм имконоти васеи озмоишу санҷиш ва таҳқиқотҳои илмиро фароҳам меоваранд. Инчунин, 2 лабараторияи факултети физика ва математика бо дастгирии Вазорати маориф ва илм дар доираи барномаи мақсадноки илмҳои табиӣ - риёзӣ азнавсозӣ карда шуданд.

Дар ин давра Донишгоҳ бо 11 муассисаи таҳсилоти олии хориҷи кишвар, аз ҷумла 5 донишгоҳи ш. Новосибирски ФР, Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи А.Н. Гертсен ва Донишгоҳи гидрометеорологияи ш. Санкт-Петербурги ФР ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Алтайи ФР созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст, ки ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотӣ, табодули мутахассисон, олимон, омӯзгорон, донишҷӯён, ташкили конфронсҳои байналмилалӣ мусоидат хоҳанд кард.

### ДАСТОВАРДҲО ДАР САМТИ ТАЪЛИМ

Шумораи умумии омӯзгорон дар Донишгоҳ ба 473 нафар мерасад, ки аз миёни онҳо 169 нафарашон занон мебошанд. Аз ҷумлаи омӯзгорони Донишгоҳ 9 нафар соҳиби унвонҳои доктори илм (профессор), 80 нафар номзади илм-дотсент, 41 нафар номзади илм-муаллими калон, 162 нафар муаллими калон ва 181 нафар ассистентон мебошанд. Шумораи умумии омӯзгорони унвон ва дараҷаи илмидошта дар Донишгоҳ нисбат ба соли гузашта 7% зиёд мебошад.

Шумораи умумии донишҷӯёни донишгоҳ дар таълими рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ ба 9948 нафар (6386 нафар духтар) баробар аст, ки аз ин шумора 5079 нафар (2584 нафар духтар) дар таълими рӯзона, 530 нафар (433 нафар духтар) дар таълими ғоибона ва 4339 нафар (3369 нафар духтар) дар таълими фосилавӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз шумораи умумии донишҷӯёни Донишгоҳ 3159 нафар тариқи буҷавӣ, 6377 нафар тариқи шартномавӣ ва 412 нафар донишҷӯёни тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамзамон 13 нафар донишҷӯёни хориҷӣ дар зинаҳои бакалавриат, магистратура ва докторантураи PhD-и Донишгоҳ таҳсил намуда истодаанд.

Дар донишгоҳ 62 ихтисос амал мекунад, ки соли ҷорӣ аз рӯйи онҳо 1629 нафар довталабон ба донишгоҳ қабул гардиданд. Дар ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ 8062 нафар донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки 81%-и шумораи умумии донишҷӯёнро ташкил медиҳанд.

Аз шумораи умумии 416 адад гурӯҳҳои таълимӣ 278 гурӯҳ дар таълими рӯзона, 33 гурӯҳ дар таълими ғоибона ва 105 гурӯҳ дар низоми таълими фосилавӣ мебошанд.

Натиҷаи азхудкунии сессияи фаъоли зимистонаи соли таҳсили 2023-2024 дар таълими рӯзона 62,2% (нисбат ба соли гузашта +1,9% зиёд) ва дар таълими фосилавӣ бошад 51,2%-ро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи гузашта +2,3% зиёд мебошад.

Соли 2023 аз теъдоди 1850 нафар хатмкардагон 52 нафар - 41 нафар дар таълими рӯзона, 1 нафар таҳсилоти фосилавӣ ва 10 нафар зинаи магистратураи донишгоҳро бо дипломи аъло хатм карданд. Аз 52 нафар хатмкардаи гирандаи дипломи аъло 45 нафарашон ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ ва 7 нафарашон ғайриомӯзгорӣ мебошанд. Аз шумораи умумии гирандагони дипломи аъло 39 нафар буҷавӣ, 10 нафар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 нафар тариқи шартномавӣ мебошанд. Муҳассилине, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон донишгоҳро хатм намуданд 85 нафарро ташкил менамоянд, ки нисбат ба соли гузашта 11 нафар кам мебошад.

Соли 2023 Донишгоҳро 317 нафар донишҷӯёни тариқи буҷавӣ ва квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равияи омӯзгорӣ хатм намудаанд, ки нисбат ба соли гузашта 31 нафар кам мебошанд.

Аз 317 нафар донишҷӯёни хатмкардаи равияи омӯзгорӣ 185 нафарашон ба ҷойи кор ҳозир шуда, 109 нафар бо сабаб ва 23 нафар бе сабаб ба ҷойи кор ҳозир нашуданд, ки парвандаҳои 12 нафари онҳо ба сохторҳои дахлдор ирсол шудаанд.

Ёдовар бояд шуд, ки соли ҷорӣ бо мақсади аз байн бурдани норасоии кадрӣ дар асоси фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.09.2023, №1214 оид ба ҷалб намудани донишҷӯёни хатмкунандаи шакли таҳсили рӯзона ва ғоибона (фосилавӣ)-и ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ 84 нафар донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба фаъолияти омӯзгорӣ ҷалб карда шуданд.

Ҳамчунин, дар мувофиқа бо Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 ихтисоси нави ҷавобгӯ ба талаботи иқтисодиёти мамлакат (12 ихтисос дар таълими рӯзона ва 3 ихтисос дар зинаи магистратура) дар заминаи иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимии донишгоҳ ворид гардид, ки шуруъ аз соли таҳсили 2024-2025 аз рӯйи ихтисосҳои мазкур гурӯҳҳои академӣ таъсис дода мешаванд.

Соли ҷорӣ барои 16 ихтисоси таълими ғоибонаи ихтисосҳои омӯзгорӣ нақшаҳои таълимӣ омода карда шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

Дар ин давра 16 нафар омӯзгорону донишҷӯён ба МТОК-и хориҷи кишвар сафарҳои хизматию омӯзишӣ дошта, ба табодули таҷриба, забономӯзӣ, иштирок дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва ғайра иштирок намудаанд.

Мавриди зикр аст, ки курси такмили ихтисос дар байни омӯзгорони равияҳои забоншиносӣ, математика ва психология моҳи декабри соли 2023 аз ҷониби мутахассисони Донишгоҳи педагогии Алтайи Федератсияи Россия гузаронида шуд.

Соли 2023 бо дастгирии бевоситаи Раёсати донишгоҳ дар назди муассиса марказӣ таълимӣ-машваратии “Дурахшон” бо тамоми шароитҳои муосир ҷиҳати омода намудани довталабон барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯйи кластерҳо, омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, хитоӣ ва олмонӣ) ва машварати психологӣ таъсис дода шуд, ки айни замон довталабон дар курсҳои мавҷуда ба таълим фаро гирифта шудаанд.

Дар соли 2023 тибқи фармоишҳои ректор ва нақшаи кории донишгоҳ масъалаҳои самти таълим дар ҷаласаи Шурои олимон 10 маротиба, Раёсати донишгоҳ 11 маротиба ва Шурои илмӣ-методӣ 11 маротиба ва ғайринақшавӣ 15 маротиба бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, Шурои илмӣ-методии донишгоҳ дар давраи ҳисоботӣ 1 китоби дарсӣ, 20 монография ва 27 дастуру васоити таълимиро ба чоп тавсия намудааст.

Соли сипаригардида дар факултети филологияи тоҷик ва журналистика толори машғулиятҳои назариявӣ бо ғунҷоиши 100 ҷойи нишаст, факултети иқтисод ва идора бо ғунҷоиши 60 ҷойи нишаст, факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг бо ғунҷоиши 40 ҷойи нишаст ва дар факултетҳои омӯзгорӣ ва фарҳанг ва молиявию иқтисодӣ синфхонаҳои компютерӣ-имтиҳонотӣ бо 60 ҷойи нишаст бо тамоми шароитҳои муосир сохта ба истифода дод.

Мавриди зикр аст, ки факултетҳои донишгоҳ барои гузаронидани дарсҳои видеоӣ ва аудиоӣ дар раванди таълим бо 5 адад телевизиор ва 8 адад проектор таъмин карда шудаанд.

### ДАСТОВАРДҲО ДАР САМТИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

Ҳайати устодону кормандон дар соли 2023 аз рӯйи 18 равия, 25 масъала ва 28 мавзуъ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буданд.

Дар соли 2023 35 нафар омӯзгорон рисолаи номзадии худро ҳимоя намуда, нисбат ба соли гузашта 19 нафар зиёд мебошад. Инчунин, 48 нафар унвонҷӯён ва хатмкардагони зинаи докторантураи PhD рисолаҳои худро омода карда, барои пешниҳод ба шуроҳои диссертатсионӣ омодагӣ мегиранд.

Дар донишгоҳ 10 мавзуи фармоишии илмӣ-таҳқиқотӣ бо қарори Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор доранд, ки роҳбарии онҳоро профессорон Ибодов М.О., Мирзоев С.С., Изатова М.И. ва дотсентон Ғафоров С., Изатуллоев К., Назаров П., Муродова Г.Р., Самариддинова З.Н., Рафиев С.А., Қодирова Д.Т. ба уҳда доранд.

Дар соли 2023 ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ 2 китоби дарсӣ, 34 монография, 22 васоити таълимӣ, 21 дастури таълимӣ-методӣ ва зиёда аз 887 мақолаҳои илмӣ ва дигар маводи илмиро рӯи нашр овардаанд. Афзоиши маводи нашрӣ дар соли ҷорӣ эҳсос мегардад.

Дар маҷмуъ соли 2023 103 нафар омӯзгорони донишгоҳ аз курсҳои таълими ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронида шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 55 нафар зиёд мебошанд.

Дар 37 кафедраҳои донишгоҳ 47 маҳфили илмии донишҷӯён фаъолият мекунанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 маҳфил зиёд шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар соли 2023 аз ҷониби роҳбарони маҳфилҳо 335 маҳфил гузаронида шуд, ки дар онҳо 601 маърузаи донишҷӯён шунида шуд.

Ҳамчунин дар 37 кафедраи донишгоҳ 452 семинари илмӣ гузаронида шуда, дар онҳо 682 нафар омӯзгор бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

Дар ибтидои соли таҳсили ҷорӣ 25 нақшаи таълимӣ дар зинаи магистратура ва докторантураи (PhD) таҷдид шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шурои диссертатсионӣ аз рӯи 2 равия ва 3 ихтисос амал мекунад. То имрӯз ҳимояи рисолаи номзадии 9 нафар муҳаққиқон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ташкил ва баргузор гардидааст, ки 6 нафари онҳо омӯзгорони донишгоҳ мебошанд. Аз ин шумора 3 нафар (ду нафар аз донишгоҳ) муҳаққиқон дар соли 2023 ҳимоя намудаанд.

Ҷумъахон Алимӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳ дар озмуни эҷодии рӯзномаи “Хатлон” таҳти

# СОЛИ 2023

унвони "Абурайҳони Берунӣ - Алломаи Машриқзамин" ғолиб гардида, бо Дипломи дараҷаи II қадрдонӣ карда шуд.

Холмуродова Меҳрафрӯз - мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик ва муаллимони калони кафедраи мазкур Исуфов Шердил, Мирзоев Неккадам, Сафарова Муборак- муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг дар конкурси байналмилалии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи Ҷамъияти умумироссиягии рушди таҳқиқоти илмӣ соҳиби Диплом ва Лауреати дараҷаи 1 гардиданд.

Инчунин Сафарова Муборак Бобохоновна - муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг, бо медали «Омӯзгори беҳтарин–2023» дар миёни давлатҳои ИДМ сарфароз гардид.

Комилов Низомиддин Бегаҳмадовичномзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарз, дар 8-умин озмуни байналмилалии «Беҳтарин олимони ҷавони ИДМ - 2023» бо пешниҳоди мақолаи илмӣ таҳти унвони "Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон" дар бахши иқтисодиёт ғолибиятро ба даст овард ва бо медалу Дипломи дараҷаи 1-уми "Беҳтарин олими ҷавони ИДМ - 2023" шарафёб гардид.

Муаллими калони кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ-Сулаймони Абдуқаҳор мақоми "Омӯзгори соли Тоҷикистон-2023"-ро сазовор гардид.

Соли 2023 донишҷӯёни донишгоҳ Айниева Омина ва Гулназарова Меҳрона барои ширкати фаъолона дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо ифтихорнома сазовор гардонида шуданд.

Дар Озмуни ҷумҳуриявии «Илмфурӯғи маърифат» аз рӯйи номинатсияи "География" Мадасани Азизмад-магистранти курси дуюми ихтисоси география, ба гирифтани ҷойи якум ва Мирзозода Насиба-донишҷӯи курси дуюми ихтисоси география, ба гирифтани ҷойи дуюм ноил гардиданд.

Соли 2023 ба Озмуни илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ-«Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ дар соли 2022» 43 лоиҳаи беҳтарин пешниҳод карда шуд, ки 13 нафари онҳо сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 гардида, 2 нафар бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд, ки шумораи донишҷӯёни ғолиби озмун нисбат ба соли гузашта як баробар зиёд мебошанд.

Дар даври ниҳоии Олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони "Пояи давлат намонад бе маориф устувор", ки санаи 16-17 майи соли 2023 дар Донишгоҳи молиявию иқтисоди Тоҷикистон баргузор гардида буд, донишҷӯёни мо сазовори ҷойҳои якум, сеюм ва ифтихорӣ гардида, аз рӯйи натиҷаҳои даставӣ дар бахши фанҳои гуманитарӣ сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Дар Озмун - фестивали ҷумҳуриявии «Навоварон ва ихтироъкорони наврас ва ҷавон»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон зери шиори «Қадами устувор ба инноватсия» Ғаффори Мурод–донишҷӯи бахши 4-уми ихтисоси таърих ва ҳуқуқ, бо ихтирои «Меваҷундорак» сазовори дипломи дараҷаи 3-юм ва Сафарзода Сироҷиддиндонишҷӯи бахши 5-уми ихтисоси забони англисӣ, бо ихтирои «Либосхушккунак» сазовори диплом гардиданд.

Бояд қайд кард, ки дар соли 2023 аз ҷониби кафедраҳо 71 чорабинии илмӣ: 3 конференсияи байналмилалӣ, 11 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 4 конференсияи шаҳрӣ, 50 конференсияи донишгоҳию факултетӣ, 30 мизи мудаввар ва 15 семинари илмӣ ташкил ва гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 3 конференсияи байналмилалӣ, 4 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 2 конференсияи вилоятӣ, 12 конференсияи донишгоҳию факултетӣ, 6 семинари илмӣ ва 4 мизи мудаввар зиёд мебошанд.

Дар соли 2023 фонди китобии китобхона 110055 ададро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 3920 китоби электронӣ, 106135 китоби муқаррарӣ мебошанд. Дар ин давра 1220 китоб харидорӣ карда шуд.

Нашрияи донишгоҳии "Анвори дониш", ки инъикосгари фаъолияту дастовардҳои донишгоҳ, омӯзгорону донишҷӯён ва дар маҷмӯъ, дастовардҳои истиқлолу ваҳдати миллии кишвари азизамон буда, хонандаи сершумор дорад, дар давраи ҳисоботӣ 9 шумора нашр гардид, ки теъдоди нашри якдафъаинаи он ба 5000 нусха баробар аст.

Соли 2023 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон Рӯзи матбуоти тоҷик баргузор гардид, ки рӯзномаи «Анвори дониш» - нашрияи расмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ҷумҳурӣ аз рӯйи номинаи «Нашрияи муваффақи маҳаллӣ дар соли 2022» соҳиби Ҷоизаи ба номи Асадулло Саъдуллоев гардид.

Дар давоми соли 2023 зиёда аз 234 нафар кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сипосномаи Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио, ифтихорномаи раиси вилояти Хатлон, сипосномаи раиси шаҳри Кӯлоб, ва сипосномаи ректори донишгоҳ қадрдонӣ гардидаанд.

**ФАЪОЛИЯТ ДАР САМТИ ТАРБИЯ**

Фаъолияти қисми тарбияи донишгоҳ, ки тавассути раёсати тарбия ва сарпарастони гурӯҳҳои таълимӣ ба танзим дароварда шуда, баҳри ташкилу баргузории онҳо дар ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои сатҳи донишгоҳӣ, шаҳрӣ, минтақавӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, истиқболи меҳмонони олиқадр ва сафарбарсозии донишҷӯён дар мусобиқаҳои варзишӣ саҳмгузор буда, дар давраи ҳисоботӣ чунин арзёбӣ мегардад.

Дар соли 2023 оид ба риоя намудани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим", "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", "Стратегияи давлатии муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025" аз ҷониби кормандони ҳифзи ҳуқуқи кишвар бо коллективи омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳ суҳбату вохӯриҳои судманд доир шуданд. Ҳамзамон, дар асоси Нақшаи чорабиниҳои донишгоҳ оид ба самтҳои болозикр дарсҳои алоҳидаи сиёсӣ дар ҳамаи гурӯҳҳои таълимии Донишгоҳ ташкил ва баргузор карда шуданд.

Тибқи иҷрои нақшаи чорабиниҳои раёсати тарбияи Донишгоҳ моҳи ноябри соли 2023 дар тамоми факултетҳои Донишгоҳ ҷаласаҳои Кумитаи падару модарон ташкил ва баргузор гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи профессорону омӯзгорон ва сарпарастони гурӯҳҳои таълимӣ 98 дарси кушоди тарбиявӣ ташкил ва гузаронида шудааст.

Дар Донишгоҳ 24 нафар ятими кулл, 504 нафар нимятим ва 66 маъюб ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки пайваста аз тарафи раёсати Донишгоҳ дастгирӣ ёфта, ба онҳо кумакҳои молию пулӣ расонида мешаванд. Дар хобгоҳи Донишгоҳ 368 нафар донишҷӯдухтарон истиқомат менамоянд, ки дар фасли тирамоҳу зимистон тамоми ҳуҷраҳои он бо шабакаи гармидиҳӣ таъмин мебошанд. Теъдоди умумии донишҷӯёни иҷоранишин 1265 нафарро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар Донишгоҳ 81 чорабинии гуногуни хусусияти иҷтимоидошта, аз ҷумла 18 чорабинии сиёсӣ, 16 чорабинии фарҳангӣ, 14 варзишӣ, 15 аксияҳо ва 18 чорабинии гуногуни шаҳрӣ гузаронида шуд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон-Ватани азизи ман", аз рӯйи Номинатсияи "Навозандагӣ" Одинаев Фазлиддин- корманди бахши фарҳанги Донишгоҳ, соҳиби "ШОҲҶОИЗА", 50000 сомонӣ мукофотпулӣ ва Қаландарбекова Моҳбибӣ- донишҷӯи соли 4-уми ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ бо иловаи санъати мусиқӣ, дар жанри анъанавӣ аз рӯи номинатсияи "Сарояндагӣ" (аз сини 18 то 40-сола) сазовори Диплом гардиданд.

Инчунин дар озмуни ҷумҳуриявии "Маснавихонӣ" низ донишҷӯён Абдураҳимзода Ҳабиба-донишҷӯи курси 2-юми факултети филологияи рус, сазовори ҷойи сеюм, Сайдаҳмадзода Марям ва Давронова Савсан-донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик ва журналистика, дар даври вилояти озмуни мазкур бо ифтихорнома сарфароз гардонида шуданд.

Шурои занон ва духтарон дар доираи татбиқи "Стратегияи милии фаъолгардонии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷиҳати иштироки фаъолона дар Фестивали ҷумҳуриявии "Сад ранги чакан" донишҷӯи курси 2-юми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг- Мирзохонзода Гулхумор, барандаи Ҷоизаи "Маликаи чакан" гардид. Дар доираи татбиқи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023-2030 дар Донишгоҳ курси омӯзишӣ аз рӯи барномаи "Мактаби сарварӣ" баргузор гардид, ки дар он 30 нафар (15 омӯзгори ҷавон ва 15 донишҷӯён)-и Донишгоҳ иштирок намуда, сазовори Сертификати курс гардиданд.

Дар соли сипаригардида дастовардҳои варзишии устодону донишҷӯён назаррас буда, Муродзода Абубакр-донишҷӯи бахши ҷоруми ихтисоси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, дар Фестивали байналмилалии варзишии донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ, ки рӯзҳои 19-31 августи соли 2023 дар Федератсияи Русия дар миёни 36 кишвари олам доир гардид, аз рӯйи намуди варзиши бокс дар вазни -60 кг сазовори ҷойи аввал ва соҳиби медали тилло гардид. Донишҷӯёни курси дуюми факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ-Мирзоев Умар низ дар Чемпионати Осиё оид ба гӯштини самбо, ки дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон (12-13.06.2023) баргузор гардид, сазовори ҷойи дуюм, соҳиби медали нуқра гардид. Ҳамчунин соли 2023 устодону донишҷӯёни донишгоҳ дар 10 мусобиқаи сатҳи байналмилалӣ, 17 ҷумҳуриявӣ ва 25 вилоятӣ иштироки фаъол намуда, соҳиби 52 медал, аз ҷумла 17 тилло, 20 нуқра, 15 биринҷӣ, 9 нафар номзад ба устоди варзиш, 6 нафар сазовори унвони устоди варзиш ва 31 ифтихорнома гардиданд.

Дар самти бозиҳои варзишӣ ба 54 нафар варзишгарон (38 омӯзгор ва 14 донишҷӯ) бо сипосномa ва ифтихорномаи ректори Донишгоҳ ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

**ДАСТОВАРДҲОИ САМТИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

Давоми соли таҳсили 2023-2024 донишгоҳ бо зиёда аз 90 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар ҳамкории судмандро идома дод, ки ба самтҳои табодули таҷриба, дастовардҳои соҳаҳои таълим, илм ва иштирок дар чорабиниҳои илмии якдигар ба ғайра равона карда шудааст.

Дар давоми соли 2023 дар донишгоҳ ду лоиҳаи грантии Фонди Аврупо Эрасмус+ TRIGGER ва дар ҳамкорӣ бо Филиали ташкилоти ғайритиҷоратии байналмилалии башардӯстонаи "Good Neighbors International" лоиҳаи "Таҳким ва баланд бардоштани самтҳи огоҳии насли оянда тоҷик оид ба технологияи рақамӣ-инклюзивӣ", як Лоиҳаи Оҷонсии рушди байналхалқии Амрико (USAID) бо номи "Биё ҳамроҳ омӯзем", амалӣ гардиданд.

Дар доираи лоиҳаи TRIGGER-(Ҷалби равандҳои инноватсионӣ ва малакаҳои соҳибкорӣ барои донишҷӯён тавассути фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати бо кортаъминкунии донишгоҳи Осиёи Марказӣ) дар шаҳри Афинаи Юнон тренинги омӯзишӣ барои омӯзгорони МТОК-и шарики лоиҳа аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қазоқистон ва Узбекистон баргузор гардид, ки дар он 3 нафар омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Дар ҷаласаи кории ҳамин лоиҳа дар ш. Намангони Узбекистон 4 нафар кормандони донишгоҳ иштирок намуданд.

Дар соли 2023 дар доираи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии педагогии Алтайи Федератсияи Россия 5 маротиба намояндагони донишгоҳи мазкур ба донишгоҳ ташриф оварданд, ки дар ду сафари онҳо барои омӯзгорони ихтисосҳои забони русӣ, психология, математика ва физика курси такмили ихтисос ташкил карда шуд.

Ҳамзамон, 12 маротиба дарсҳои онлайнии муштарак ва 6 мизи мудаввар бо Донишгоҳи давлатии педагогии Алтай ва Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ ташкил карда шуд, ки дар он донишҷӯёну омӯзгорони донишгоҳ фаъолона иштирок намуда, табодули андеша карданд.

Дар соли 2023 дар доираи лоиҳаҳои байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи хориҷи кишвар кормандони шуъбаи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳ дар зиёда аз 100 ҷаласаҳои онлайнӣ иштирок намуда, оид ба масъалаҳои кории лоиҳаҳо, мушкилот ва нақшаю дурнамои роҳҳои ҳалли онҳо тавсияҳои шариконро шуниданд.

Дар ҳамкорӣ бо Филиали ташкилоти ғайритиҷоратии байналмилалии башардӯстонаи "Good Neighbors International" дар доираи лоиҳаи "Таҳким ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии насли оянда тоҷик оид ба технологияи рақамӣ-инклюзивӣ" озмуни "Тавлиди идея" ҷамъбаст гардид, ки дар он донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуда, дар сатҳи ҷумҳурӣ 7 нафар сазовори ҷойи аввал гардиданд. 4 нафар ғолибони озмун бо мукофотҳои пулӣ ва се нафарашон бо ноутбукҳо мукофотонида шуданд.

**ИДОРА ВА ХОҶАГӢ**

Фаъолияти шуъбаи идора ва хоҷагӣ ба корҳои ободкорӣ, васлу насб, тоза нигоҳ доштани гирду атроф, таъмиру тармим ба банду басти корҳои хоҷагидории муассиса равона гардида, самараи заҳмати кормандони бахши хоҷагӣ барои ҳамаи мо, хозирини мухтарам, баръало маълум аст.

Қобили қайд аст, ки дар натиҷаи фаъолияти аҳлонаву пурмаҳсули коллективи муътабари Донишгоҳ, бандҳои нақшаи чорабиниҳо барои соли 2023 ҷиҳати татбиқи «Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2023-2028» иҷро гардид.

**ДУРНАМО**

Тадбирҳои зерин бахше аз дурнамои фаъолияти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро ташкил медиҳанд:

1. Таҳияи нақшаи фаъолият барои соли 2024 бо назардошти нишондоди Стратегияи рушди Донишгоҳ ва Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28.12.2023;

2. Аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани ихтисосҳои Донишгоҳ;

3. Ташкили мубодилаи академии донишҷӯён ва такмили ихтисоси омӯзгорон дар донишгоҳу пажӯҳишгоҳҳои дохил ва хориҷи кишвар.

4. Ҷорӣ намудани ихтисосҳои нав вобаста ба талаботи бозори меҳнат;

5. Мусоидат ба афзоиши шумораи ҳимояи рисолаҳои номзадию докторӣ, нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои байналмилалии Scopus, Web of Science ва ғ.; тақвият бахшидани дастаҳои олимпӣ ҷиҳати афзудани натиҷаҳо дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ;

6. Ба системаи гармидиҳӣ пайваст кардани биноҳои таълимии 2 факултет;

7. Роҳандозӣ ва ҷоннок намудани Ассотсиатсияи дастпарварони Донишгоҳ;

8. Тарадуд ба таҷлили шоистаи 80-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

*Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,*
*Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.*
*А. Фирдавсӣ*

Анвори дониш
№1 (346), ЧОРШАНБЕ, 14.02.2024

# 2023: ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР РАҚАМҲО

## ДАСТОВАРДҲО ДАР САМТИ ТАЪЛИМ

Дар донишгоҳ **473** нафар омӯзгорон ба кор ҷалб гардидаанд. Аз шумораи умумии омӯзгорони асосӣ **9** нафар доктори илм, профессор, **80** нафар номзади илм-дотсент, **41** нафар номзади илм-муаллими калон, **162** нафар муаллими калон ва **181** нафар ассистентон мебошанд.




Шумораи умумии донишҷӯёни донишгоҳ дар таълими рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ таҳсилкунанда ба **9948** нафар (6386 нафар духтар) баробар аст, ки аз ин шумора **5079** нафар (2584 нафар духтар) дар таълими рӯзона, **530** нафар (433 нафар духтар) дар таълими ғоибона ва **4339** нафар (3369 нафар духтар) дар таълими фосилавӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.




## ТАНОСУБИ ДОНИШҶӮЁН ДАР 5 СОЛИ ОХИР




Шумораи умумии гурӯҳҳои таълимӣ ба **416** адад баробар аст, ки аз ин шумора **278** гурӯҳ дар таълими рӯзона, **33** гурӯҳ дар таълими ғоибона ва **105** гурӯҳ дар низоми таълими фосилавӣ мебошанд.




Натиҷаи азхудкунии сессияи фаъоли зимистонаи соли таҳсили 2023-2024 дар таълими рӯзона **62,2%** (нисбат ба соли гузашта **+1,9%** зиёд) ва дар таълими фосилавӣ бошад **51,2%-ро** ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи гузашта **+2,3%** зиёд мебошад.




## НАТИҶАИ СЕССИЯИ ФАЪОЛ ДАР ТАЪЛИМИ РӮЗОНА ВОБАСТА БА ФАКУЛТЕТҲО




## НАТИҶАИ СЕССИЯИ ЗИМИСТОНА ДАР ТАЪЛИМИ РӮЗОНА ВОБАСТА БА РАВИЯҲО




## НАТИҶАИ СЕССИЯИ ФАЪОЛИ ЗИМИСТОНА ДАР ЗИНАИ МАГИСТРАТУРА




Соли 2023 аз теъдоди **1850 нафар** хатмкардагон **52 нафар** – **41** нафар таълими рӯзона, **1** нафар таҳсилоти фосилавӣ ва **10** нафар зинаи магистратураи донишгоҳро бо дипломи аъло хатм карданд, ки **2,8%-**и теъдоди умумии хатмкардагонро ташкил медиҳанд. Аз **52** нафар хатмкардаи гирандаи дипломи аъло **45** нафар хатмкардаи ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ ва **7** нафарашон равияи ғайриомӯзгорӣ мебошанд.



# 2023: ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР РАҚАМҲО

## НАТИҶАИ АТТЕСТАТСИЯИ ДАВЛАТИИ ХАТМ 2023 (таълими рӯзона, фосилавӣ ва магистратура)




## НАТИҶАИ АТТЕСТАТСИЯИ ДАВЛАТИИ ХАТМ 2023 (равияи илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ)




## ГИРАНДАГОНИ ДИПЛОМИ АЪЛО




## ШУМОРАИ ИХТИСОСҲО ДАР ДОНИШГОҲ (таълими рӯзона, ғоибона, фосилавӣ, магистратура ва докторантураи PhD)




## ДАСТОВАРДҲО ДАР САМТИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

Ҳайати устодону кормандон дар соли 2023 аз рӯйи **18** равия, **25** масъала ва **28** мавзуъ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буданд.




Дар соли 2023 ташкил ва баргузории чорабиниҳои илмӣ бесобиқа арзёбӣ мегардад. Аз ҷониби кафедраҳо дар соли ҷорӣ **71** чорабинии илмӣ: **3** конференсияи байналмилалӣ, **11** конференсияи ҷумҳуриявӣ, **4** конференсияи шаҳрӣ, **50** конференсияи донишгоҳию факултетӣ, **30** мизи мудаввар ва **15** семинари илмӣ ташкил ва гузаронида шудааст.




Соли 2023 дар Донишгоҳ **81** чорабинии гуногуни хусусияти иҷтимоидошта, аз ҷумла **18** чорабинии сиёсӣ, **16** чорабинии фарҳангӣ, **14** варзишӣ, **15** аксияҳо ва **18** чорабинии гуногуни шаҳрӣ гузаронида шуд.




Донишҷӯёни донишгоҳ соли таҳсили ҷорӣ дар **10** мусобиқаи сатҳи байналмилалӣ, **17** ҷумҳуриявӣ ва **25** вилоятӣ иштирок намуданд.




## ДАСТОВАРДҲОИ ВАРЗИШӢ



*Ҳам суол аз илм хезад ҳам ҷавоб,*
*Ҳам чунон ки хору гил аз хоку об.* А. Самарқандӣ



# ШАРҲИ АМРҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОИР БА ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ




**ШАРҲИ АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОЙ КИТОБ АСТ» ДАР СОЛИ 2024**

Таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри баланд бардоштани завки китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ ва мусоидат дар рушди ҷаҳони маънавии сокинони кишвар соли ҷорӣ низ Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» баргузор мегардад.

Ҷиҳати боз ҳам такмил ва таҳким бахшидани раванди баргузории Озмун ва ҳавасмандсозии бештари иштирокчиён дар соли 2024 ба Низомномаи Озмун тағйироту навгониҳо ворид карда шуданд.

Номинатсияи адабиёти кӯдакон ва наврасон ба номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ табдил дода шуд. Ин номинатсия яке аз фаъолтарин бахшҳои Озмун ба шумор рафта, довталабон асосан хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд. Ба ин хотир, ҷиҳати бештар ҳавасманд намудани кӯдакону наврасон номинатсияи мазкур ба 3 гурӯҳ ҷудо мешавад:

- гурӯҳи якум хонандагони синфҳои 1-4;
- гурӯҳи дуюм хонандагони синфҳои 5-8;
- гурӯҳи сеюм хонандагони синфҳои 9-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти ибтидои касбӣ.

Бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии кӯдакону наврасон барои дарёфти Шоҳҷоиза, ки хондан ва аз бар намудани 70 фоизи осори назмию насрӣ аз рӯйи 4 номинатсия ба онҳо душвор буд, Шоҳҷоиза аз як адад ба чор адад зиёд карда шуд.

Шумораи ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм ба 126 нафар ва барандагони Шоҳҷоиза 4 нафар зиёд гардида, 130 нафар ғолибро ташкил медиҳад.

Тибқи дастури бевоситаи Пешвои миллат соли ҷорӣ низ барои иштирокчиёни даври ҷумҳуриявии Озмун имтиёзи махсус пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он довталабони даври ҷоруми Озмун (хонандагони синфи 11) ба ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ ва филологии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе озмун ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

Бо дарназардошти тағйироти воридгардида маблағи умумии мукофоти Озмун 4 570 000 (чор миллиону панҷсаду хафтод ҳазор) сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 695 000 (шашсаду наваду панҷ ҳазор) сомонӣ зиёд пешбинӣ гардидааст.




**ШАРҲИ АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ-ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ» ДАР СОЛИ 2024**

Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардида, мақсади он рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайванди илм бо истеҳсолот, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технологияҳо, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ҳамчунин дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо мебошад.

Баргузории Озмуни мазкур тайи солҳои 2021-2023 нишон дод, ки миёни ҷавонону наврасони кишвар таваҷҷуҳ ба омӯзиши илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бамаротиб зиёд гардида, барои дарёфт ва тарбияи мутахассисони баландихтисоси муҳандисию техникӣ замина гардидааст.

Ҷиҳати ҳавасмандсозӣ ва бештар омода намудани наврасону ҷавонон барои омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ва иштирок дар Озмуни мазкур дар баробари довталабон, инчунин омӯзгорон ва падару модарони хонандагоне, ки дар он ғолиб меоянд аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ қадршиносӣ карда мешаванд.

Бо дастури бевоситаи Пешвои миллат соли ҷорӣ низ барои иштирокчиёни Озмун имтиёзи махсус пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он довталабони даври ҷоруми Озмун (хонандагони синфи 11) ба ихтисосҳои фанҳои риёзӣ, дақиқу табиатшиносӣ ва техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

Барои дар сатҳи баланд баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» дар соли 2024 аз ҷониби сарпарасти он – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4 085 000 (чор миллиону ҳаштоду панҷ ҳазор) сомонӣ пешбинӣ гардидааст.




**ШАРҲИ АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ТОҶИКИСТОН – ВАТАНИ АЗИЗИ МАН» ДАР СОЛИ 2024**

Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон –Ватани азизи ман» таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2019 инҷониб баргузор шуда, мақсади озмун муаррифии фарҳанги волои миллати тоҷик, таблиғ ва эҳёи санъати миллӣ, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба суннатҳои неки аҷдодӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии асарҳои нави мусиқӣ, навозандагӣ, сарояндагӣ, маҳорати касбии ҳунари мусаввирӣ, ҳайкалтарошӣ, ороишгарӣ ва либосдӯзӣ, интихоби намунаҳои беҳтарини оҳангу суруд, коллексияҳо ва асарҳои рассомӣ мебошад.

Дар соли 2024 ба Озмун номинатсия нав – оҳангсозӣ-бастакорӣ ворид карда шуда, интизор меравад, ки ба ин восита истеъдодҳои ҷавон дар санъати касбии мусиқии миллӣ рӯйи кор меоянд.

Ба шарофати сулҳу субот ва рушди иқтисодиёти кишвар имрӯз миллатҳои гуногун, бахусус аз кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг, дар Тоҷикистон таҳсил ва кору фаъолият дошта, аз суруду мусиқии халқи тоҷик ва санъати тасвирӣ бархурдоранд. Ба ин хотир, дар Озмуни соли ҷорӣ шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ё кору фаъолият доранд, метавонанд иштирок намоянд.

Бо дастури бевоситаи Пешвои миллат ба соҳибони Шоҳҷоиза ва ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун дар баробари мукофоти пулӣ, инчунин имтиёзҳои дигар низ пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, онҳо ҳуқуқи иштирок дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро пайдо намуда, тавассути барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ муаррифӣ мегарданд. Ғолибони даври ҷумҳуриявии Озмун метавонанд ба ихтисосҳои омӯзгории равияи санъати тасвирӣ ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, миёнаи касбӣ ва олии касбии кишвар ба муҳлати се сол бе супоридани имтиҳон дар гурӯҳҳои ройгон дохил шаванд.

Ҳамчунин, мувофиқи дастури бевоситаи Пешвои миллат соли 2024 барои иштирокчиёни Озмун имтиёзи махсус пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он довталабони даври ҷумҳуриявӣ (хонандагони синфҳои 9 ва 11) ба ихтисосҳои соҳаи фарҳанг ва ихтисосҳои омӯзгории равияи санъати тасвирӣ ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳон ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

***http://www.president.tj***

# АФСОНАҲОИ АҶИБИ МАТЕМАТИКӢ

*(идома аз шумораи №9 аз 22.12.2023)*

**7. Афсонаи Давра**

Буд набуд, як оилаи геометрӣ буд. Дар ин оила модар Давра ва падар Марказ ном доштанд. Фарзандон ҳама шабеҳи ҳам, аммо хислатҳои гуногун доштанд.

Писари хурдии онҳо Радиус буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ аз волидайни худ дур намерафт. Ҳамеша бо як даст модар ва бо дасти дигараш падарро медошт. Ҳатто муддати як сония ҳам аз онҳо намеканд. Духтарашон Хорда ном дошт. Ӯ аз Радиус калонтар ва боҷасорат буд. Доимо аз падар канораҷӯӣ намуда, ду дасташ ҳамеша ба домони модар буд.

Писари аз ҳама калониашон Диаметр ном дошт. Ӯ аз Хорда як миқдор, вале аз Радиус ду маротиба калон буд. Ҳам падар ва ҳам модарашро зиёд дӯст медошт. Ҳамеша бо як даст домони модар ва бо дасти дигар домони падарро дошта мегашт.

Давра ва Марказ ба ғайр аз фарзандон боз як хешованди наздик доштанд, ки Расанда ном дошт. Ӯ ҳаргиз ба парасториии Давра ва Марказ ниёзе надошт ва ҳеҷ гоҳ дар иҳотаи онҳо набуд. Гоҳ-гоҳе бо холааш Давра дидорбинӣ намуда, бо як даст аз домони холааш мегирифту то беохир ба ду тараф гардиш мекард.



**8. Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо**

Санаи 28-уми сентябр адади 28 тасмим гирифт ҳамаи тақсимкунандаҳои аз худаш хурдро ба меҳмонӣ даъват намояд. Аввал адади 1, баъд 2, баъдан дигар тақсимкунандаҳои адад 28 омаданд. Рӯйхати меҳмонони адади 28-ро тартиб диҳед:

Вақте ки онҳо ҷамъ шуданд, адади 28 ба онҳо назар карда, ҳис кард, ки на ҳамаашон омадаанд. Ӯ каме ғазабнок шуда, ба меҳмонон таклиф намуд, ки тақсимкунандаҳои худро низ ба ин меҳмонӣ даъват кунанд. Боз чӣ қадар меҳмони нав меояд? Меҳмонон барои он ки ғазаби адади 28-ро фурӯ нишонанд, ба якдигар бо аломати + (ҷамъ) васл шуданд. Чизи ҳайратовар пайдо шуд. Маълум гардид, ки суммаи ҳамаи тақсимкунандаҳо ба 28 баробар мешавад. Адади 1 megӯяд: «Ададе, ки ба суммаи ҳамаи тақсимкунандаҳояш баробар аст, адади мукаммал ном дорад». Ҳамин тавр, адади 28 адади мукаммал аст. Адади 28 аз дидани ин манзара хушҳол шуда, мепурсад, ки боз кадом ададҳо мукаммаланд?

Воҳиди донояк мегӯяд, ки ингуна ададҳо хеле каманд. Шумораи онҳо то доираи миллион ба 4 баробар аст. Адади 28 ягона адади мукаммали дурақама буда, дар байни ададҳои серақама низ якто чунин адад мавҷуд аст, ки он 496 мебошад. Ҳамчунон дар байни ададҳои якрақама низ якто чунин адад мавҷуд аст. Ин ададро худатон муайян кунед:

Адади 28 аз ин падида хело хушҳол гардид, ки ӯ камназир аст. Аз он ки дорои чунин хосиятҳо аст, меболид. Ҷашнвора хеле хуб гузашт. Ҳамин тавр, рӯзи 29-уми сентябр шуд. Адади 29 низ хост, ҷашн ороста, тақсимкунандаҳои хурди худро даъват намояд. Аввалин шуда, 1 ба ҷашн ҳозир шуд. Кӣ дигар ба меҳмонӣ меояд? Ба ададҳо хеле гуворо аст, ки дар рӯзи зодрӯзашон тақсимкунандаҳои худро даъват намоянд. Ин анъана моҳи октябр низ идома ёфт. Танҳо як адад меҳмононашро интизор намешуд. Он кадом адад аст?

**(Давом дорад)**

*Шамсиддин ШАРИФОВ,*
*Убайдуллои АБДУСАМАД,*
*омӯзгорони кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

*Якеро ба таҳсили дониш гузор,*
*Ки бедонишӣ нест ҷуз айду ор.* *А. Ҷомӣ*



# ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ–БЕДОРИИ КОМИЛИ ФАРДИЯТИ ИНСОН

Масъалаи худшиносӣ ба масоили ахлоқи инсонӣ алокаи бевосита дорад. Дар назари аввал ба хонандагон шояд аҷиб намояд: **худшиносӣ** чӣ маънӣ дорад, одам худашро бояд чӣ хел шиносад, он ки вай ному насабашро медонад, оиладорӣ ва тарбияи фарзандонашро медонад, оё худи ҳамин худшиносии одам нест? Аз ҷиҳати ҷисмонӣ одам медонад, ки аъзои бадани вай аз чӣ тартиб ёфтааст ва ба аъзои баданро чӣ хел ҳифз кардан ва тоза нигоҳ доштан лозим аст. Ин як ҷанбаи худшиносии инсон аст. Ба ҷуз ин худшиносии дигар ҳам оё вуҷуд дорад ва, агар мавҷуд аст, он худшиносӣ чист?

Ба масъалаи худшиносии одамон аз замонҳои қадим ҳам дар илму ҳам дар дин таваҷҷуҳ кардаанд. Мегӯянд, ки аз ин ду ҳазор ё се ҳазор сол пеш юнониён дар маъбади бузурге, ки ба поси Худои муътабари худ Аппалон бино карданд, дар болои даромадгоҳ бо ҳарфҳои калон навишта буданд: **худро бишнос!** Ин муроҷиат табиист, ки ба инсон, ба одамон нигаронида шуда буд, яъне пеш аз он ки ибодати худро анҷом бидиҳӣ, ту бояд худатро бишносӣ. Дар аввалҳо чунин шиор танҳо мазмун ва мундариҷаи ахлоқӣ дошт. Инсон ба хотири ахлоқи поку беолоиш худашро назорат кунад, ба кирдору гуфтори худ таваҷҷуҳ дошта бошад, ба рафтору кирдор, гуфтору фаъолияти худ баҳо дода тавонад, ки вай бо роҳи хато, ба роҳи ҷиноят наравад, дурӯғ нагӯяд ва одамонро фиреб надиҳад ва ғайра. Баъдтар шиори **худро бишнос!** дар афкору ақоиди файласуфони юнонӣ мавқеъ ва нуфузи калон пайдо кард. Яке аз файласуфони аввалине, ки дар Юнон ин шиорро ба таълимоти илмию фалсафӣ тавҷеҳ дод, Сукрот буд. Сукрот мегуфт, ки инсон худро ҳамчун як офаридаи ин ҷаҳон бояд шиносад, ки ӯ ба дунё барои чӣ омадааст ва агар инро донист, бояд рафтору гуфтораш мувофиқи ҳамин худшиносӣ бошад. Сипас, ин шиор ва таълимот дар афкору ақоиди файласуфону олимон нуфузу таъсири калон пайдо кард ва яке аз мавзуъҳои баҳсу мунозираҳои доманадору судманде гардид. Аз ин ҷо мегӯянд, ки фалсафаи Юнон, ки аз илму донишҳои аввалин ва қадимтарини олами тамаддун аст, аз ҳамин шиори **худро бишнос!** ибтидо гирифтааст.

Мо, оё имрӯз гуфта метавонем, ки шиори худшиносӣ ва таълимоти он аз юнониён ба мо гузаштааст. Ва оё донишмандони мо пеш аз юнониён дар ин хусус фикр намекарданд? Шояд худшиносӣ ҳамчун илм ба мо ва умуман ба олами урупоиён низ аз юнониён гузашта бошад. Лекин ман гумон намекунам, ки одамони мо дар хусуси худшиносӣ пеш аз юнониён ё бидуни юнониён фикр накарда бошанд. Охир, ҳоло ҳам дар байни мардум мегӯянд, ки **одам бояд ҳаддашро дониста гап занад**, яъне одам бояд аввал ҳадди донишу фаросати худро бидонад ва фаҳмад, ки ӯ кист ва ҷойгоҳи ақлу фаросаташ то куҷост, баъд ба дигарон насиҳат кунад. Ё ин ки мегӯянд: **аввал хеш, баъд дарвеш.** Ин мақол дар маънию мазмун паҳлуҳои гуногун дорад. Аввал худатро бишнос, ки буданатро бидон ва сипас дар бораи дигарон андеша кун. Хулоса, худшиносӣ ҳамчун илм ва ақоиди фалсафӣ ташаккул наёфта бошад ҳам, мафҳуми худшиносӣ дар байни мардум ҳамчун меъёри ахлоқӣ ва хислати инсонӣ вуҷуд дошта ва мардум аз рӯйи ҳамин кор мебастанд, аз рӯйи ҳамин ба фарзандҳояшон андарзу панд мехонанд.

Худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мисли ҷомеашиносӣ, табиатшиносӣ як илме набуд, ки аз он дар мактабҳо дарс гӯянд. Аммо худшиносӣ як ҷанбаи ахлоқи инсонӣ буд, ки онро ба ҳар тарзу восита ба одамон талқин мекарданд. Худшиносӣ ҳидоят, роҳнамои зиндагӣ буд. Аз ин сабаб набояд гумон кард, ки худшиносиро фақат аз китобҳо хонда, омӯхтан мумкин бошад. Худшиносӣ аз зиндагӣ таҷриба омӯхтан, аз устодон сабақ гирифтан ва ниҳоят ба кирдору рафтори худ назорат кардан аст. Чунончи, мегӯянд, ки аввал сӯзанро ба худ халон, агар дард накунад, баъд ба дигарон. Ба одамон бадӣ накун, бубин, ки агар ба ту бадӣ намоянд, ба ту чӣ қадар сахт мерасад, бадӣ кардани ту ба дигарон низ ба ҳамин андоза сахт ва пурзор аст. Чунин мисолу таҷрибаҳоро аз зиндагӣ бисёр овардан мумкин аст.

Бале, дар зиндагӣ бисёр мардони кордида ва аз таҷрибаи рӯзгор сабақ гирифта ҳастанд, ки онҳо ба мо дарси худшиносӣ медиҳанд. Баробари ҳамин, чунон ки дар Юнон худшиносӣ як мавзуи баҳси олимону файласуфон гардид, дар таърихи маънавиёти мо ҳам дар ин мавзуъ бисёр мунозираву мубоҳисаҳо сурат гирифта ва китобу рисолаҳо таълиф шудаанд.

Мо бояд ин масъаларо аз нигоҳи ҳамаи ҷанбаҳои зиндагӣ омӯзем ва донем, ки ислом ва Қуръони карим чӣ андоза бузург аст, дар инсон як лутфу рӯҳи Илоҳӣ ҷойгузин гардидааст. Аз ҳамин сабаб олимону файласуфони мо, аҳли тасаввуф дар масъалаи он ки инсон бояд худро шиносад, фикру ақидаҳои пурарзиш баён кардаанд. Хулосаи ин мулоҳиза ва муҳокимаҳо иборат аз он аст, ки инсон то кӣ будани худ ва барои чӣ офарида шудани худро нашиносад, дарк накунад, вай ба шинохтани ҳодисаҳои дигари дунё сарфаҳм рафта наметавонад. Биёед, дар ин хусус боз аз уламои дин ва фиқҳи исломӣ сухан сар кунем, зеро ки дар гузашта сарвати маънавӣ ва афкори ақоиди илмию фалсафии мо аз Қуръон ва пояҳои ислом манша мегирифт.

Дар миёни уламои дин ва аҳли тасаввуф чунин мақоле ҳаст, ки мегӯянд: **ман арафа нафсаху фақад арафа раббаху – ҳар кӣ худро, шинохт, Худои худро ҳам мешиносад**. Ин мақол, ки онро ҳадиси Паёмбар (с) ҳам мегӯянд, аҳамияти хеле калоне дорад ва калиди бисёр муаммоҳо ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама, инсон бояд худро шиносад. Баъд аз он ки ӯ ба дараҷаи шинохтани худ расид, ӯ Худоро ҳам шинохта метавонад. Биёед, дар ин ҷо ба китоби хеле муътабари олами ислом «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ муроҷиат кунем. Имом Ғаззолӣ пояи мусулмониро дар аввал ибодат ба чаҳор унвон донистааст. Унвони аввали мусулмониро ӯ **«шинохтани хештан»** донистааст. Баъд меояд унвони дуюм **«шинохтани Ҳақ таоло»**, баъд унвони сеюм **«шинохтани ин ҷаҳон»** ва ниҳоят унвони чорум **«шинохтани охират»** будааст. Маълум мешавад, ки барои ҳар як мусалмон зарур будааст, ки дар оғоз кӣ будани худро шиносад ва муайян кунад. Агар мегӯяд Ғаззолӣ, касе аз зоҳири худ ҳаминро шиносад, ки вай чашму гӯш, дасту пой дорад, ки бо ин восита кор мекунад ва оламро мешиносад, ин шиносоиро гову хар ҳам медонад. Агар одам дар ботин ҳамин қадарро донад, ки вақти гуруснагӣ нон мехӯрад, ё барои шаҳват зан мегирад, ё хашмаш биёяд ба ягон кас дармеафтад, ин ҳам аз хислатҳои ҳайвонист. Ин худшиносии инсонӣ нест. Ва Ғаззолӣ мегӯяд: пас туро ҳақиқати худ талаб бояд кард, то худ чӣ чизӣ ва аз куҷо омадаӣ ва куҷо хоҳӣ рафт ва андар ин манзилгоҳ ба чӣ кор омадаӣ ва туро барои чӣ кор офариданд ва саодати ту чист ва шаҳовати ту чист ва дар чист?

Фарқи одам аз ҳайвон на танҳо дар он аст, ки инсон соҳиби ақл аст, балки вай қобилияти шинохти ботини худро дорад, ки дигар махлуқот мисли ҳайвонот аз ин атои Худовандӣ маҳруманд. Ғаззолӣ дар ин бобат гуфтааст: агар хоҳӣ ки худро бишносӣ, бидон, ки туро офаридаанд аз ду чиз; яке ин қолаби зоҳир, ки онро ба чашми зоҳир тавон дид. Ва яке ботин, ки онро нафас гӯянд ва дил гӯянд ва ҷон гӯянд ва онро ба сирати ботин. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки инсон бояд худ нафси худро бидонад, барои фаҳмидан ва донистани ин маънии ботинӣ ба инсон шуурро додаанд. Агар идроки инсон баланд бошад, шуурро ҳассос ва ақли закӣ дошта бошад, вай натанҳо зоҳири худ, балки ботини худро мефаҳмад. Ботини худро донистан чӣ маънӣ дорад? Ҳам Ғаззолӣ ва ҳам мутафаккирони дигар мегӯянд, ки бояд ботини инсон, дар табиати инсон аз аввал сифат ва хислатҳои мухталиф ниҳода шудааст. Дар инсон сифати ҳайвонӣ ҳам, сифати даррандагӣ ҳам, хислати дев ҳам ҳаст ва баробари ин дар инсон сифати фариштагон ва хислати поку покизагӣ низ ниҳода шудааст. Инсон бояд бо фаҳму шуур дар ботини худ нигоҳ кунад ва хислатҳои неки худро аз сифатҳои бади худ ҷудо карда тавонад. Агар инсон бадию некиро дар худ фарқ карда тавонад, пас ӯ метавонад бадию некиро ҳам дар дунё ва ҳам дар одамон мушоҳида намояд. Бадию некиро ки фарқ карда тавонист, ӯ ба ҷодаи Ҳақ роҳ ёфта метавонад. Бадию некиро, ки фарқ карда тавонист, одам виҷдони тоза пайдо мекунад, ҳақбину ҳақиқатпарвар шуда тавонӣ шинохт метавонад. Агар инсон тамоми умр ба мардум бадӣ карда бошад, пас бояд донад, ки ӯ аз бадкорони Худованд аст ва Худованд аз ин банда рӯй мегардонад.

Инсофу ҳақиқат, адолату ҳақбинӣ танҳо ба воситаи ахлоқи пок муяссар мешавад. Ахлоқи пок танҳо бо воситаи худшиносӣ муяссар мегардад. Чаро шоирони мо ҳамон мазмуни Қуръонро дар баландии мартабаи инсон ва рӯҳи Илоҳии инсониро дар шеърҳояшон бо шуру ҳаяҷон сурудаанд? Танҳо барои он ки инсон аз ботини худ сифатҳои ҳайвонӣ ва дарандагиро дур андозад. Вай бояд донад, ки ӯ ба дунё барои тоати Ҳақ омадааст ва баробари ҳамин ободу шодоб доштани ҷаҳон дар доираи худи ӯст ва қуввати дастони ӯст. Тоати Ҳақ инсонро аз корҳои шоиста ва судманди обод доштани дунё ва кушодани баҳрҳову барҳо набояд боз дорад. Дар ин маънӣ Ҳаким Саноӣ дар маснавии «Ақлнома» чунин фармудааст:

**Олами рӯҳро ту бурҳонӣ,**
**Дили пажмурдаро.**
**Зинда дилҳо ба бӯйи насли туанд,**
**Гавҳарон тозарӯҳ зи асли туанд.**
**Роҳбари чарху ҷунбиши фалакӣ,**
**Қуввати қуту мояи малакӣ.**
**Қобили хатти даври паргорӣ,**
**Нуқта дар дойра ту медорӣ.**
**Ҳастӣ аз чобукӣ фариштаваш,**
**Ту чун ҷонӣ.**
**Кафшат об омаду кулоҳ оташ,**
**Гоҳ бӯсад лаби ту гардунро,**
**Гаҳ диҳад бӯса рӯйи ҳомунро.**

Ба ҳамин тариқа, ободии дунё ба инсон вобаста аст ва инсон, ҳангоме ки дар бораи худ ва мақоми олии хеш фикр мекунад, бояд пеш аз ҳама, дар бораи ободии дунё андеша намояд.

Маорифпарварони ҷаҳон, аз ҷумла маорифпарварони мо, махсусан Аҳмади Дониш дар бораи худшиносии инсон бисёр фикрҳои ҷонсӯзона ва пурфоида гуфтаанд. Аҳмади Дониш ба муқобили уламои фиқҳу калом, ки инсонро танҳо як фарде мешумуранд, ки дар дунё барои иҷрои тоати Ҳақ омадаасту вазифаи ӯ барои дунёи охират андӯхтани савобу амали солеҳот аст, рад карда мегуфт, ки барои инсон тоати Ҳақ воҷиб аст. Аммо Офаридгор инсонро танҳо барои тоату ибодат наофаридааст, балки барои иҷрои вазифаҳое, ки воҷиботи инсон аст, халқ намудааст. Инсон бояд донад, ки ӯ барои обод доштани дунё омадааст, обод доштани дунё ба илму дониш ва касбу ҳунар, фарҳанг муяссар мешавад. Аз ин сабаб инсон бояд донишҳои гуногунро фаро гирад. Бигзор он илму дониш аз мамлакатҳои Урупо бошад, ё аз Осиё ё пешаи ғайри мусулмонон бошад ё аз назди мусулмонон. Ва илмро неку бидон ва он чӣ бидонистӣ ба накутарин иборате ба кор бар, то хиҷил набошӣ аз даъвӣ кардани бемаънӣ. Ва дар сухан гуфтану мавъиза додан ҳар чӣ бо хавфу риҷо гӯй, якбора халқро аз раҳмати Худои таоло навмед макун ва низ якбора бетоат ҳеҷ касро ба биҳишт мафирист. Бештар он гӯй, ки барои он моҳир бошӣ ва нек маълуми ту гашта бошад, то дар сухан даъвии беҳуҷҷат накарда бошӣ, ки оқибати даъвии беҳуҷҷат шармсорӣ бошад.

Дар ҳадисҳои Ҳазрати Муҳаммад (с) омадааст: дар талаби илм то ба гӯшаҳои олам низ роҳ рав. Талаби илм барои мусулмон як амри иллоҳӣ аст ва итлофи дониш баҳри онон, ки имтеҳқоқи онро надорад, ба сони овехтани марворид, ҷавоҳир ва тилло бар гардани хук аст.

Инсон бо доштани илм ба авҷи хушбахтӣ мерасад ва ба мақоми шоиста ҳамдами салотини ҷаҳон шуда ва ба камоли саодат дар охират ноил мегардад.

Он чи ки дар боло гуфтем, ба он ният буд, ки истилоҳи худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ чист? Ватан ҳувияти муштақоти бедорӣ ва огоҳии комили фардияти инсон аст. Ҳувият ва худшиносӣ пораҳои гуногуни як истилоҳанд, ки баҳри ифшои як ҳадафи умдаи бақои миллат мавриди истифода қарор мегиранд. Он ҳадаф кадом аст? Ҳадаф, қабл аз ҳама, аз аҷдодон суннатҳои фарҳангу адаб, расму русум ва эътиқод бо дину ойин ва мазҳабҳову матлабҳои он манфиатҳои дарунмоягиро дар танӯри синаи орифонаи хеш ваҳдат бахшидан, ҳар чӣ поктару тобноктар сайқал дода ба пасвандони хеш бериё ба нияти мададгорӣ эҳдо бахшидан амри муқаддасест. Аз нигоҳи луғавӣ вожаи худшиносӣ, чунон ки дидем, агар аз як ҷониб тарафи муштараки ҳувият бошад, аз ҷониби дигар ба маънии фарохтаре доман мезанад. Он мисли дарахти солхӯрда самарбори ҷовидонаест, ки дар заминаи андешаи миллӣ сабзишу нумӯ дорад.

Барои ривоҷи худшиносӣ, эҳё намудани андешаи миллӣ шукри Худо бо тамоми имконоти васеъ дастраси мардумонамон фароҳам омадааст. Танҳо зарур аст, ки шаҳрвандони кишвар содиқатмандонаву ҷонсӯзона аз ин мавриди мусоид таҳаммулпазиронаву зиракона истифода карданро сармашқи зиндагии навини соҳибистиқлолӣ дар ҳамоҳангии ваҳдатпазиронаи хеш ба дарк гирифта бошем.

Таҷриба нишон медиҳад, ки барои мутахассиси хуб шудан бояд шахс аввал ба рафтору гуфтори худ дуруст баҳо дода тавонад, худро шинохта тавонад. Агар инсон худашро шинохта тавонист, худшинос бошад, ӯ худашро дӯст медорад, касби интихобкардаашро эҳтиром менамояд. Агар шахс худшинос бошад, ӯ Худоро мешиносад, падару модар, калонсолонро мешиносад, ба қонуну қоидаҳои ҷамъият, шариат бечуну чаро итоат мекунад.



*Иброҳимов Гурез, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

*Ҳунар пояи мард афзун кунад,*
*Сар аз ҷайби иқбол берун кунад.* *А. Фирдавсӣ*



# ПАЁМИ ПЕШВО-ДАСТУРИ РАҲНАМО ВА ҲУҶҶАТИ ТАҚДИРСОЗ



Таърихи 29.12.2023 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамоиши илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва устодону донишҷӯёни донишгоҳ тахти унвони "ПАЁМИ ПЕШВО-ДАСТУРИ РАҲНАМО ВА ҲУҶҶАТИ ТАҚДИРСОЗ" дар ҳошияи Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" баргузор гардид.

Дар кори ҳамоиш ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони ректор, садорати факултетҳо ва устодону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Кори ҳамоиш бо хондани Суруди миллӣ аз ҷониби ҳайати васеи иштирокчиён оғоз гардид.

Ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ ҳайати иштирокчиёни ҳамоишро барои расидан ба санаи муҳиму таърихӣ, тантанаи истиқлоли давлатӣ ва соҳибдавлативу соҳибихтиёрии кишвар, яъне ироа гардидани Паёми навбатии Пешвои маҳбубу илҳомбахши миллат табрику таҳният гуфта, иброз доштанд, ки Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои имрӯз ва давраҳои оянда муайян намуд. Паёми Пешвои миллат аз лиҳози фарогирии масъалаҳои мухташами ҳаёти сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат дар замони қувват гирифтани рақобатҳои глобалии давлатҳои абарқудрат ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти башарӣ бо иқдомоти навин ҳуҷҷати арзишманд ва ҳидоятсози мардуми кишвар маҳсуб мешавад, ки оид ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххасро ба миён гузошт.

Сипас, тибқи барномаи ҳамоиши илмӣ-назариявӣ Муродова Гучеҳра, дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ дар мавзуи "Мавқеи сиёсати хориҷӣ дар Паёми Пешвои миллат", Сафаров Зулфиқор-муаллими калони кафедраи молия ва қарз, дар мавзуи "Вазифагузориҳои нав доир ба рушди иқтисодиёти миллӣ дар Паёми Пешвои миллат" ва Усмонзода Сорбон-муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ, дар мавзуи "Моҳият ва аҳамияти Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Баромадкунандагон зимни суханронӣ баён намуданд, ки Паёми Сарвари давлат дар баробари ҳуҷҷати муҳимму барномаи мукаммали сиёсати давлатӣ, ҳамчун рамзи соҳибихтиёриву соҳибдавлатии тоҷикон ба ҳисоб рафта, вазифаҳо ва ҳадафҳои дар он пешбинигардида барои ояндаи дурахшони мамлакат ва зиндагии шоистаи мардум равона гардидааст.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат ҳамаи соҳаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, алоқаманд ба ин вазифаҳои сатҳи гуногуни ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ барои амалигардонии ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат барои оянда муайян карда шуд. Дар ин радиф Пешвои миллат таваҷҷуҳи мардумро ба роҳҳои дар арсаи ҷаҳонӣ аз ҷиҳати рушди иқтисодию иҷтимоӣ боз ҳам хубтар муаррифӣ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намуда, зимнан таъкид бар он доштанд, ки ба тарбияи ахлоқию маънавии насли наврасу ҷавон, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ҳамзамон ҷалби онҳо ба азхуднамоии илмҳои дақиқу риёзӣ ва касби донишҳои наву замонавӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Дар интиҳо низ кори ҳамоиш бо хондани Суруди миллӣ аз ҷониби ҳайати васеи иштирокчиён ба охир расид.

*Мунисаи Маҳмарабӣ*
*«Анвори дониш»*

# ХУШХАБАР: ҒОЛИБИЯТИ УСТОДИ ДОНИШГОҲ ДАР ОЗМУНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ




Ҳамасола дар доираи Лоиҳаи «Нашрияи байналмилалии Китоб» озмуни «Беҳтарин олимони ҷавони ИДМ» бо ташаббуси Ассотсиатсияи шахсони ҳуқуқии Ҳаракати умумимиллии "Бобек"-и Ҷумҳурии Қазоқистон миёни муассисаҳои илмию таълимии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷиҳати дарёфти корҳои илмӣ - тахқиқотии беҳтарин ва дар амалия татбиқ намудани онҳо доир карда мешавад ва дар он шумораи зиёди намояндагони кишварҳои ИДМ иштирок менамоянд.

Боиси ифтихору сарфарозии аҳли раёсат ва устодону кормандони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакист, ки Комилов Низомиддин Бегаҳмадович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳ дар 8-умин озмуни байналмилалии «Беҳтарин олимони ҷавони ИДМ - 2023» бо пешниҳоди мақолаи илмӣ тахти унвони "Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон" иштирок намуда, дар бахши иқтисодиёт ғолибиятро ба даст овард ва бо медалу Дипломи дараҷаи 1-уми "Беҳтарин олими ҷавони ИДМ - 2023" қадрдонӣ карда шуд.

Раёсат ва аҳли устодону кормандони Донишгоҳ Комилов Низомиддин Бегаҳмадовичро барои мушарраф гардидан ба ин дастоварди бузурги илмӣ самимона табрик гуфта, барояш дар фаъолияти минбаъдаи илмиву эҷодӣ муваффақиятҳо таманно менамоянд.

*Муҳаммадҷони Абдувоҳид*
*«Анвори дониш»*

# ҶАМЪБАСТИ МУСОБИҚАҲОИ ВАРЗИШӢ МИЁНИ КОРМАНДОНУ ОМӮЗГОРОН



Бо ташаббуси шуъбаи кор бо ҷавонон ва дастгирии раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ миёни кормандон ва омӯзгорони факултетҳои Донишгоҳ мусобиқаи варзишӣ аз рӯйи намудҳои «Волейбол» ва «Футболи хурд» ба истиқболи 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.01.2024 то 24.01.2024 гузаронида шуд.

Дар мусобиқа 10 даста, 1 даста аз аҳли кормандони раёсат ва 9 дастаи дигар аз ҳисоби кормандон ва омӯзгорони факултетҳои донишгоҳ иштирок ва қуввaозмоӣ намуданд.

Баъди баргузории рақобатҳо дар финали мусобиқа аз рӯи намуди "Волейбол" дастаҳои кормандони раёсат, факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ барои ишғоли ҷойи якум, факултетҳои таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои баналмилалӣ ва молиявию иқтисодӣ барои ишғоли ҷойи сеюм байни ҳам сабқат намуданд. Дар натиҷа ҷойи якум насиби дастаи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, ҷойи дуюм насиби дастаи кормандони раёсат ва ҷойи сеюм насиби дастаи факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ гардид.



Дар финали мусобиқаи "Футболи хурд" бошад, дастаҳои кормандони раёсат, факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ барои ишғоли ҷойи якум ва факултетҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, омӯзгорӣ ва фарҳанг барои ишғоли ҷойи сеюм байни ҳам сабқат намуданд. Дар натиҷа ҷойи якум насиби дастаи кормандони раёсат, ҷойи дуюм насиби дастаи факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ ва ҷойи сеюм насиби дастаи факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг гардид.

*Тошматов Умарҷон*
*«Анвори дониш»*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 2-юми факултети филологияи хориҷӣ Сулаймониён Малика Алихон (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети филологияи хориҷӣ Сатторова Судоба Бозоралиевна (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Мусоев Комрон (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети филологияи хориҷӣ Бобоева Мадина Юсуфҷоновна (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотӣ ва билети донишҷӯие, ки соли 2021Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети молиявию иқтисодӣ Шуҳрати Нусратулло (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Таибова Оишамо (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Гуле, ки тарбият аз дасти боғбон нагирифт,
Агар ба чашми хуршед сар кашад, худрӯст. Ҳ. Шерозӣ*



# АМРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ТАКОНЕ БА ТАҲАВВУЛОТИ МАЪНАВИИ ҶОМЕА

Якуми январи соли 2024 амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон – ватани азизи ман» дар соли 2024 ба тасвиб расиданд, ки барои ғолибон ва роҳбарони онҳо, маблағи умумии мукофот 12 440 000 сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 710 000 сомонӣ зиёд пешбинӣ гардидааст.

Дар низомномаҳои озмунҳо, бо назардошти таҷрибаи баргузории озмунҳо дар солҳои қабл, пешниҳодҳои дастандаркорон, тағйироту имтиёзҳои назаррас ворид карда шудаанд.

Барои ташреҳи тағйироту дигаргуниҳои низомномаҳои озмунҳо, тарғибу ташвиқи омӯзгорону муҳассилин ҷиҳати омодагии қавӣ, иштироки фаъол ва касби ҷойҳои ифтихорӣ ва ба ин васила, афзудани нуфузу эътибори Донишгоҳ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, 02.01.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамоиши илмӣ-назариявии олимон, устодон ва донишҷӯён таҳти унвони **“АМРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ТАКОНЕ БА ТАҲАВВУЛОТИ МАЪНАВИИ ҶОМЕА”** дар партави омодагӣ ба озмунҳои мазкур баргузор гардид.



Дар ҳамоиш ҳайати раёсат, устодону омӯзгорон, дастаҳои олимпии донишҷӯёни Донишгоҳ, иштирокчиёну ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва намояндагони ВАО ширкат варзиданд.

Нахуст, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия дотсент Рафиев С.А. зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ таъкиди Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ, ки маориф самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад ва насли наврасро лозим аст ҳар чи бештар омӯзанд, соҳибкасб гарданд ва мутахассиси варзида гардида, дар рушду нумуи ватани худ саҳмгузор бошанд, инчунин, амрҳои Президенти кишварро бобати баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар соли 2024 барои аҳли илму маориф, омӯзгорону муҳаққиқон, масъулину муҳассилини муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла коллективи бузургу муътабари устодону донишҷӯёни Донишгоҳ дастури раҳнамо ва асоси масъулияти бештару афзун ҷиҳати татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати мамлакат арзёбӣ намуд.

Дар зимни баргузории ҳамоиш Зулфиев Гадомад - дотсент, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика дар мавзуи **«Озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” – асоси дарёфти чеҳраҳои нав ва тақвиятбахши неруи зеҳнии аҳолии мамлакат»**, Акбарова Маҳрамбӣ - дотсент, мудири кафедраи фанҳои табиию, риёзӣ ва методикаи таълими онҳо, дар мавзуи **«Озмуни ҷумҳуриявии “Илм фурӯғи маърифат” – омили рушди тафаккури табиию техникии аҳолии кишвар»** ва Холматов Баҳром - сардори раёсати тарбия дар мавзуи **«Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва рушди фарҳангу ҳунар»** маърӯза намуданд.

Инчунин, Мадасани Азизмад, ғолиби ҷойи 1-уми даври ҷумҳуриявии озмуни “Илм фурӯғи маърифат” аз рӯи номинатсияи “География” дар соли 2023, магистранти курси дуюми ихтисоси географияи факултети иқтисод ва идора дар мавзуи **“Таъсири озмуни “Илм фурӯғи маърифат” ба фаъолияти пурсамари ҷавонон”** изҳори андеша намуд.

Дар интиҳо аз ҷониби муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Шарофат Худойдодова ба намояндагони факултетҳои донишгоҳ Амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баргузории Озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон – ватани азизи ман» дар соли 2024 ва Низомномаҳои озмунҳо дар шакли маҷмуа ҷиҳати корбарӣ ва омодагӣ супорида шуд.

*Мунисаи Маҳмарабӣ
«Анвори дониш»*

# ТАНТАНАҲОИ ҶАШНИ САДА ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Боиси ифтихору хушнудии миллати фарҳангофару маърифатпарвари тоҷик аст, ки Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз гузашти ҳазорсолаҳои фаротаърихӣ дар марҳилаи нави давлатдорӣ се ҷашни муқаддаси миллии мо - Меҳргон, Сада ва Наврӯзро ҷашнҳои расмии миллӣ эълон намуданд ва онҳо ҳамасола дар фазои сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдилии мардуми кишвар ба таври шоиставу сазовор таҷлил карда мешаванд. Гиромидошт ва дар сатҳи баланди сиёсиву давлатӣ таҷлил намудани онҳо дар роҳи худогоҳии миллӣ аҳамияти бузурге доштанд ва доранд.



Дар ин росто бо мақсад арҷ гузоштан ба фарҳангу тамаддуни миллӣ санаи 27.01.2024 Чорабинии вилоятӣ бахшида ба Иди Сада дар шаҳри Кӯлоб дар сатҳи баланд баргузор гардид.

Нахуст, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ва ҳамроҳонаш аз намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ, ҳунарҳои мардумӣ, ниҳолону гулбуттаҳо, ки дар майдони “Ҷавонон”-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба маърази тамошо гузошта шуда буд, дидан намуданд. Намояндагони шаҳру навоҳии вилоят беҳтарин намунаҳои маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, анвои мухталифи таомҳои миллӣ, қаннодӣ, ниҳолони дарахтони мевадиҳанда ва ороиширо ба маъраз гузошта буданд.

Сипас, дар саҳни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қисмати тантанавии чорабинии идона барпо гардид.

Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ҳозиринро ба муносибати ҷашни ниёгон - Сада шодбош гуфт. Қайд гардид, ки “Ҷашни Сада чун рамзи гузаштани сардиҳои зимистон, муждае аз наздик расидани баҳор ва чун гиромидошти ойини ниёгон ва бузургдошти Хуршед истиқбол гирифта мешавад.

Сада моҳиятан пирӯзии рӯшноиро бар торикӣ ифода намуда, омадани фасли баҳору муждаи пешакии Наврӯзро мерасонад. Ба хотири гиромидошти он мардум, бахусус деҳқонон гулханҳои бузург афрӯхта, шодиву хушҳолӣ менамоянд”.

Дар идома ба беҳтаринҳои соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла пахтакорон, асалпарварон, чорводорон, полезкорон, пилапарварон, ҷангалбонҳо, боғдорон, парандапарварон, олимони соҳа ва дигар фаъолони комплекси агросаноатӣ Ифтихорнома ва мукофотҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон тақдим карда шуд.

Ҳамзамон чанде аз рӯзноманигорон, ки бахри инъикоси васеи дастовардҳои соҳаи кишоварзӣ маводу матолиби ҷолиб дар телевизиону рӯзнома ба сомонаву шабакаҳои иҷтимоӣ пахшу нашр кардаанд, бо Диплом ва маблағҳои пулӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон қадрдонӣ гардиданд.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ аз ҷониби ҳунармандони Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб ва ҳунармандони шинохтаи кишвар барномаи ҷолиби консертӣ иборат аз рақсу суруд, шеъру тарона пешкаши ҳозирин гардонида шуд.

*Тошматов Умарҷон
«Анвори дониш»*

# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Санаи 15-уми январи соли равон дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби маркази рушди касбият ва инноватсия семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Пайваст шудан ба махзани миллии библиографии иқтибосҳои илмӣ (РИНЦ)» бо иштироки омӯзгорони донишгоҳ баргузор гардид.




Дар семинар сардори марказ - Изатов Умедҷон, дар мавзуи “Пайваст шудан ба махзани миллии библиографии иқтибосҳои илмӣ (РИНЦ)” маърӯза намуда, оид ба тарзи ворид шудан ба ин махзани илмӣ ва ҷой додани мақолаҳоро ба омӯзгорон фаҳмонид. Ҳамзамон иштирокдорон тарзи дурусти пайваст шудан ба ин махзани илмиро омӯхта, раванди воридшавӣ ба махзанро дар амал нишон доданд.

Тазаккур бояд дод, ки махзани миллии библиографии иқтибосҳои илмӣ буда, зиёда аз 12 миллион нашрияҳои муаллифони рус, инчунин маълумот дар бораи истинод ба ин нашрияҳо беш аз 6000 маҷаллаҳои Русияро дар бар мегирад. Он на танҳо барои сари вақт таъмин намудани тадқиқоти илмӣ бо маълумоти муосири маълумотнома ва библиографӣ пешбинӣ шудааст, балки як воситаи пурқуввати таҳлилӣ буда, имкон медиҳад, ки самаранокии ташкилотҳои таҳқиқотӣ, олимон, сатҳи маҷаллаҳои илмӣ ва ғайра дида шавад.

*Муслимаи Амрохон
коромӯз*

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ Каримов Сорбон (таҳсилоти ғоибона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Давлатов Камолиддин (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Ҳабибуллоева Тахмина (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети иқтисод ва идора Донёрзода Муҳиба (таҳсилоти ғоибона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Ҳалимзода Озаршо (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Ҷомиева Манижа (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Рамазони Боймурод (таҳсили рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Сина холӣ макун аз дард, ки марди раҳ нашик,*
*Гар сабукбор шавад, роҳ ба манзил набарад.* Урфӣ

Анвори дониш
№1 (346), ЧОРШАНБЕ, 14.02.2024

# ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ-ЗАМИНАИ РУШД ВА ОМИЛИ МУВАФФАҚИЯТ

Мусаллам аст, ки дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз масъалаҳои муҳим ва ногузир ба ҳисоб рафта, яке аз самтҳои афзалиятнок дар соҳаи маорифи кишвар ба ҳисоб меравад. Дар робита ба масъалаи мазкур ҷиҳати таъмини шароити мусоид барои таълиму тадрис ва касби донишҳои наву замонавӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар мунтазам тадбирҳои муҳим андешида мешаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар радифи масоили соҳаи маориф ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ эътибори ҷиддӣ дода, дар ҳар як паёму суханрониҳояшон дар алоқамандӣ ба ин мавзӯъ дастуру супориш ва таъкиду роҳнамоиҳои мушаххасеро рӯйи кор меоранд. Зеро Роҳбари кишвар рушди маорифи миллиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумат дониста, ғамхорӣ нисбат ба маорифро – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи Ватан меноманд.

Дар воқеъ, маориф ва ҳалли мушкилоти соҳа аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хирадбунёди Пешвои маҳбуби миллат аст. Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12.2023 масъалаи омодасозии кадрҳои баландихтисос ва омӯзиши забонҳои хориҷиро вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳаи маориф дониста, иброз доштанд, ки "Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад". Ҳамзамон муҳиммият ва мубрамияти масъаларо дар назар дошта, таъкид намуданд, ки «Таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан русиву англисӣ бояд дар тамоми факултаву шуъбаҳои мактабҳои олӣ, ташкилоту идораҳо ва мақомотҳои қудратӣ боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шавад». Албатта, дар ҷаҳони пуртазод ва рушди бесобиқаи навгониҳои илмӣ бе омӯзиши забонҳои хориҷӣ пешрафт тасаввурнопазир аст. Рушди бемайлони илму техника ва навгониҳои илмӣ қариб дар тамоми соҳаҳо донистани забонҳои хориҷиро омили муҳим гардонида, талабот ба донистан ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ рӯз то рӯз меафзояд.

Бояд тазаккур дод, ки донистани якчанд забон имкониятҳои насли ҷавонро васеъ гардонида, шароит муҳайё месозад, ки неруи хешро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият самаранок татбиқ намоянд. Аз ҷумла, ҳамгироии фаъолият бо низом ва анъанаҳои дигар мамолик, имконияти фаъолият дар шароити бисёрфарҳангӣ, имконияти пешбурди тиҷорат ва муносибат бо шарикони хориҷӣ дар фазои бисёрзабонӣ ва заминаи мусоидро дар ҳалли масъалаҳои баҳсбарангези корӣ ва ё дилхоҳ ҳамоиш ва конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ фароҳам орад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Ҳамзамон, таъкид доштанд, ки бо вуҷуди ба низоми муайян даромадани раванди таълим, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан забони русиву англисӣ, таваҷҷуҳи аввалиндараҷаро тақозо дорад. Бинобар ин, Пешвои миллат зарур донистанд, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи донишу касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Дар ҳақиқат, омӯзиши забони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масъалаҳои муҳими соҳаи маорифи кишвар буда, дар миёни забонҳои хориҷӣ забони русӣ муддати тулонӣ нақши забони муошарати байни миллатҳоро иҷро менамояд. Донистани забонҳои хориҷӣ имконияти насли наврасро бештар мекунаду барои амалисозии зарфиятҳо дар бахшҳои гуногун мусоидат менамояд.

Пешвои муаззами миллат дар Паёми солона ба Маҷлиси Олӣ омӯзиши забонҳоро омили муваффақият ва пешравӣ дониста, ба масъалаи таълиму тадриси он аз синни хурди томактабӣ ишора намуда, таъкид доштанд, ки забони хориҷӣ ба наврасон аз давраи боғча бояд омӯзонида шавад. Дар робита ба таъкидоти Пешвои маҳбуби миллат таъсиси ихтисоси «Забон ва адабиёти рус. Таҳсилоти томактабӣ»-ро дар зинаи макотиби олии кишвар, ки таъсиси он омил ва заминаи омодасозии кадрҳои баландихтисоси таҳсилоти томактабӣ мегардад, ба манфиати кор медонем. Таъсиси чунин ихтисос заминаи ҷалби донишандӯзонро аз рӯйи равия ва касби мазкур мустаҳкам мегардонад. Ҳамчунин таъсиси гурӯҳҳои русӣ ба тайёр намудани кӯдакони синни томактабӣ дар боғча ва таъмин намудани эҳтиёҷоти кадрии муассисаҳои томактабии шаҳру ноҳияҳо вобастагии амиқ дорад.



*Шарифзода Одинамо- дотсент, декани факултети филологияи руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

# КӮЛОБ-ШАҲРИ БОСТОНӢ, МАРКАЗИ ИЛМУ ФАРҲАНГ ВА ДИЁРИ ШАХСИЯТҲОИ БУЗУРГ

Шаҳри бостонии Кӯлоб аз ҷумлаи қадимитарин шаҳрҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, таърихи ин шаҳри зебоманзар зиёда аз 2700 солро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин, соли 2006 ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва меҳмонон аз дохилу хориҷи кишвар бо тантана ҷашн гирифта шуд.

Шаҳри Кӯлоб маҳалли бисёре аз ёдгориҳои таърихӣ ба шумор меравад. Яке аз ин ёдгориҳои таърихӣ мақбараи орифи бузург - Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, мебошад, ки дар маркази шаҳр ҷойгир аст. Ҳамасола дар баробари шаҳрвандони кишвар меҳмонон ва сайёҳони зиёде аз кишварҳои гуногун, аз қабили Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҳиндустон, Афғонистон ва кишварҳои дигар аз мақбараи мазкур дидан менамоянд.

Ин шаҳри бостонӣ дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии Ватани азизамон-Тоҷикистон ба шаҳри ободу зебоманзар табдил ёфта, дар канори аҳолии ватандӯсту пуршарафи худ ва дастгириҳои ҳамешагии Сарвари давлат шаҳри дилхоҳ, макони ободу зебо ва маҳбубе гардидааст. Кӯлоб диёри мардуми меҳмондӯсту ҳимматбаланд ва ашхоси ватанпарвар, зодгоҳи ҳунармандони шинохта, аз қабили Сурайё Қосимова, Давлатманди Хол, марҳум Одинаи Ҳошим ва Мирзоватан Миров мебошад.

Дар шаҳри Кӯлоб даҳҳо биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, муассисаҳои таълимии томактабӣ ва ҳамагонӣ, китобхонаҳо, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, коллеҷҳои тиббию омӯзгорӣ, меҳмонхонаҳо, беморхонаҳои шаҳрию вилоятӣ, клиникаҳои табобатию ташхисӣ, бинои Қасри Маданият, Театри мусиқию мазҳакавии ба номи Сайдалӣ Вализода, Осорхонаи «2700-солагии шаҳри Кӯлоб», боғи ҳайвонот, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, аз қабили Гулгашти Сафар Амиршоев, Боғи фароғатии ба номи Сайдалӣ Вализода, Боғи Хуталон, Боғи фарҳангию фароғатии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, ки ҳамарӯза мавриди истифодаи сокинони шаҳр қарор доранд, мавҷуд ҳастанд.

Айни замон дар шаҳри Кӯлоб 77 муассисаи таълимӣ, ки дар он 54 797 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, мавҷуд аст.

Тайи солҳои соҳибистиқлолии Ватан дар маркази шаҳр барафрохта шудани парчаму нишони давлатӣ, таъмири бинои Ҳукумати шаҳр, ба истифода додани бинои «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб» ва азнавсозии роҳҳо намуди зоҳирии шаҳрро тағйир дод. Инчунин, даромадгоҳи шаҳри Кӯлоб бозсозӣ гардида, дар паҳлуи он бо супориши Раиси шаҳри Кӯлоб муҳтарам Назарзода Бахтиёр Худоёр муҷассамаи модар, чун рамзи садоқат ва эҳтиром ба зан, модар ва фариштаи инсонӣ қомат барафрохт, ки диққати сайёҳонро ба худ ҷалб намуда, модари даст ба дуо бардоштан ҳар як шаҳсро пеши назар меорад.




Аҳолии ҳунарманду меҳнатдӯсти ин шаҳри бостонӣ ба истеҳсоли пахта ва коркарди он, ғалла ва чорводорӣ, заргарӣ, чеварӣ, махсусан, чакандӯзӣ, гулдӯзӣ, қолинбофӣ машғуланд. Инчунин, дар шаҳр заводҳои хишт, нон, шир ва равған фаъолият мекунанд.

Кӯлоб диёри гулдухтарони куртачакан, ҷавонписарони бонангу номус, бонувони ҳунарманд, мардони қавиирода мебошад. Фарзандони фарзонаи шаҳр бо қувваи донишу малака, неруи зеҳнӣ, бо зӯри бозу ва саводу матонат номи Кӯлобро дар арсаи ҷумҳурӣ ва ҳатто берун аз он баланд бардошта, обрӯю ифтихори шаҳри худ гардидаанд. Аз ҷумла Мавзуна Чориева бо зӯри бозу, Давламанди Хол бо садои дилнишин, Сурайё Қосимова бо таронаҳои маҳбуби худ номбардори шаҳри азизамон гардидаанд.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳмату талоши пайвастаи Раиси шаҳри Кӯлоб Назарзода Бахтиёр Худоёр, инчунин пайи созандагиву бунёдкории сокинони шаҳр рӯз то рӯз шаҳри Кӯлоб тамошобоб ва ободу зебо гардида истодааст. Мумфаршгардонӣ ва азнавсозии роҳҳои мошингард, насб гардидани чароғакҳои роҳнамо, ба истифода додани биноҳои истиқоматии баландошёна аз меҳнатдӯсти созанда ва ташаббускор будани мардуми шаҳри Кӯлоб дарак медиҳад.

Имрӯзҳо теъдоди аҳолии шаҳри Кӯлоб зиёда аз 220 ҳазор нафарро ташкил медиҳад ва ҳар яки онро мебояд ба тозагиву сарсабзии ин шаҳри маҳбуб аҳаммияти ҷиддӣ дода, дар корҳои ҷамъиятиву созандагӣ саҳми худро гузоранд.

Шаҳри Кӯлоб дар тӯли соҳибистиқлолии давлат, дастгириҳои Президенти маҳбуби кишвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва талоши сокинони худ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, соҳаҳои илму маориф, тиб, технология ва саноат пешрафт намудааст. Дар шаҳр 13 муассисаи томактабӣ бо ҷалби беҳтарин мураббияҳо, 52 муассисаи таълимӣ, гимназия, литсейҳо ва Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат зери роҳбари омӯзгорони соҳибтаҷриба ба босавод фаъолият менамоянд. Инчунин, дар шаҳр баҳри ғамхорӣ ва парастории ятимон 2 ятимхона вуҷуд дорад, ки дар он ниматимон ва ятимони кулл нигоҳубин карда мешаванд. Дар ҳарду ятимхонаи шаҳр шароит барои оромиву осудаҳолии наврасону кӯдакон, аз ҷумла хӯрду хоб, сифати беҳтари таълим барои аз худ кардани илму дониши онҳо ба роҳ монда шудааст.

Шаҳри Кӯлоб аз ҳисоби аҳолӣ, зебоӣ ва ободӣ дуюмин шаҳри вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад. Боиси ифтихор аст, ки шаҳри бостонии Кӯлоб соли 2022 дар озмуни «Шаҳри беҳтарин» миёни шаҳру навоҳии вилояти Хатлон сазовори ҷойи аввал гардид.

Дар интиҳои матлаб, аз мардуми шарафманду қавиродаи шаҳри азизам даъват менамоям, ки мо бояд дастуру супоришҳо ва таъкиду роҳнамоиҳои Сарвари давлат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳматҳои ташаббускоронаи раиси шаҳр муҳтарам Назарзода Бахтиёр Худоёрро сармашқи кори худ намуда, бо касби донишҳои наву замонавӣ, ҳисси баланди худшиносиву ватандӯстӣ кӯшиш намоем, ки дар ободӣ, рушду нумӯ, созандагиву бунёдкорӣ ва пешравии шаҳри азизамон саҳмгузор бошем.



*Худобахши Бобоев – донишҷӯи бахши 4-уми ихтисоси идораи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

# ФИДОИИ КАСБИ ХЕШ



Мусаллам аст, ки талошу кӯшиш ва ҷустуҷӯву такопӯ ҷиҳати ба вуҷуд овардани меъёрҳои ахлоқӣ умре ба дарозои тамаддуни башарро дорад. Дар воқеъ, аз замоне, ки инсон ҳамчун мавҷуди дорои фикр, андеша ва хирад ба дарк намудани олами ҳастӣ пардохтааст, тарбияи одобу ахлоқ яке аз мавзуъҳои муҳими ӯ дониста мешавад. Воқеан ҳам, таълиму тарбия дар рӯҳияи одобу ахлоқи нек нахустин ва муҳимтарин омили саодату камоли одамӣ ва ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад.

Хурсандибахш аст, ки дар саргаҳи ин роҳи пуршараф ва ифтихорафзо, яъне таълиму тарбия, нафаре меистад, ки кору фаъолият ва амалу рафтори ӯ равшангари роҳи фардо ва нерубахшандаи умеду орзӯҳои инсонист. Ин шахсияти маҳбубу илҳомбахш, бешубҳа, омӯзгор, муаллим ва меъмори руҳи инсон аст.

Достоевский Фёдор Михайлович таъкид менамояд: "Инсон асрор аст. Онро бояд пайдо кард ва агар тамоми умри худро барои ҳалли ин асрор сарф кунед, нагӯед, ки вақти худро беҳуда сарф кардед. Мо бо ин асрор сарукор дорем, зеро мехоҳем инсон бошем". Ин нуктаи воло, шавқу шури ҷустору омӯзиши зиндагии инсонро дар қалби ҳар фарди пажуҳанда меафзояду барои ҷомаи амал пӯшонидани тифли мақсуд раҳнамун мегардонад. Вақте ин асроромӯзӣ ба шахсияти омӯзгор ва муаллим равона мегардад, он шавқу шур ба маротиб зиёд гардида, ба инсон рӯҳу илҳом ва нерӯву тавон мебахшад, зеро дар таърихи инсоният пешаи омӯзгорӣ фаротар аз ҳама пешаҳо ва саромади ҳама шуғлҳост.

Дар ин матлаб сухан дар мавриди ҳайсияти Шоинов Ҳасан Исматуллоевич – муаллим, шоир, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Аълочии маорифи Тоҷикистон, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон, ки бо пешаи пурифтихору шарофмандона дар ҷамъият аз ҷойгоҳ ва мавқеи махсус бархӯрдор гардидаву бо ҳарф ва каломи муҳаббат ба Ватан маҳбуби ҳамагон гардидааст, меравад.

Шоинов Ҳасан Исматуллоевич таърихи 31.05.1957 дар шаҳри Кӯлоб, дар хонадони коргар ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоӣ ва миёнаи умумиро солҳои 1964-1974 дар мактаби №6-и шаҳри Кӯлоб гирифта, айёми донишҷӯиро солҳои 1974-1979 дар Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) мегузаронад. Баъд аз хатми Донишгоҳ (соли 1979) бо ихтисоси омӯзгори таърих ба ҳайси ассистенти кафедраи фалсафа ва коммунизми илмӣ (1979-1980), муаллими кафедраи таърихи ҲКИШ-и Институти давлатии педагогии Кӯлоб (1980-1987), Коромӯз-тадқиқотчии кафедраи таърихи ИҶШС-и Университети давлатии Тоҷикистон (1988-1990), муҳандис оид ба сафарбаркунии ҳамин Донишгоҳ (1990-1992), муаллими кафедраи таърихи ҲКИШ-и Институти давлатии педагогии Кӯлоб (1992-1995), муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик (1995-2003), муаллими кафедраи таърих ва ҳуқуқ (2003-2008), муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими таърих (2008-2010), муаллими калони кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2010-2011) фаъолият намудааст. Устод- Ҳасан Шоинов, аз соли 2011 то соли 2015 ба сифати муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, тарғибот ва масоили иҷтимоии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб ифои вазифа намудааст. Шоинов Ҳасан аз соли 2016 ба вазифаи роҳбари Осорхонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба кор қабул гардида, то имрӯз масъулиятшиносона адои вазифа менамояд. Шоинов Ҳасан 44 сол аз умри бобаракаташро ба кори таълиму тарбия ва роҳнамоиву дастгирии насли наврасу ҷавон бахшидааст.

Ҷойгоҳ, мартаба ва шуҳрату эҳтироми муаллим, ба донишу таҷриба, ба оламии ботиниву маънавии ӯ, ба қобилияти суханпардозиву дарки маънои баланд, ба фазилату амали нек ва худшиносу худогоҳ будани ӯ вобаста аст. Хулқу атворашон дар заминаи ифтихороту садоқат ба фарҳанги миллӣ ва хислатҳои адолатпарварию масъулиятшиносӣ бунёд ёфта, рисолати худро дар роҳи таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон бо шавқи беандозаву масъулияти баланд иҷро менамояд.

Маҳз заҳматҳои фидокорона баҳри таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон ва суханрониҳои самимонаву ватанхоҳона, муҳаббат ба сарзамину садоқат ба ватан, эҳтиром ба фарҳанги фаротаърихиву гузаштаи пурифтихор, азҷгузорӣ ба тамаддуну фарҳанги оламшумул ӯро маҳбуби ҳамагон гардонидааст.

Дар воқеъ, Шоинов Ҳасан дар маҳфилҳои адабӣ ҳамчун омӯзгор, шоир, донишманди баландмаърифат ва худшиносу худогоҳ шинохта шудааст. Аз ҷумла, Ҳақназар Ғоиб-Шоири халқии Тоҷикистон, ӯро пайраву омӯзандаи Мавлоно дониста, ибroз медорад: "Ҳасанҷон Шоҳинзода шефтаи Румии бузургвор аст, илоҳо, рӯҳи бузургон мададгорашон бошад". Ҳамчунин, ховаршинос- Зафар Мирзоён, Шоинов Ҳасанро шоир ва донишманд дарёфта, баён доштааст: "Ӯ ҳамчун донишманд ва шоири тавоно тавонист, ки дар ҷомеа худро муаррифӣ намояд".

Нуктаҳои самимона дар робита ба ҳайсият ва инсонияти ӯ зиёд ба назар мерасад. Чунончи Сангаҳмад Даминзода- нависанда, инсони самимӣ будани ӯро дар назар дошта ибroз медорад: "Ӯ шогирди беҳтарин, олим, донишманд ва инсони заминӣ аст". Ҳамчунин шоир-Ҷумъахон Муродӣ, дар ин маврид таъкид медорад: "Ҳасан марди маърифатпарвару шариатпаноҳ мебошад".

Воқеан ҳам, нукоти фавқ гувоҳи онанд, ки маърифати баланду худшиносӣ, муомилаи нек ва соҳибдилию хоксорӣ муаллимро дар байни ҳамкорону шогирдон ва аҳли илму адаб маҳбуб гардонидааст.

Ҳамаи хислатҳои наҷибу комил дар замири устоди заҳматкаш ба назар расида, ӯ ҳамчун муаллими асил ва содиқ ба касб шинохта мешавад. Шоинов Ҳасан муаллифи зиёда аз 60 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ буда, дар бисёр симпозиуму конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок ва суханронӣ намудааст.

Муаллим аз зумраи нафаронест, ки дар амалӣ намудани иқдому тадбирҳои фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои маҳбуби миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳмгузор буда, дар баробари омода намудани шогирдон ҷиҳати иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, худ низ бевосита иштирок менамояд.

Аз ҷумла, Шоинов Ҳасан аз рӯзҳои аввали таъсиси Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" аз рӯи номинатсияи "Эҷоди назм" фаъолона иштирок менамояд. Ӯ соли 2023 дар даври донишгоҳӣ ва шаҳрии озмун ба гирифтани ҷойи сеюм мушарраф гардида, бо ифтихорнома ва маблағҳои пулӣ қадршиносӣ гардидааст. Ҳамчунин муаллим дар соли 2023 иштирокчии фаъоли Озмуни ҷумҳуриявии "Маснавихонӣ" буда, дар давраҳои донишгоҳӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ ба гирифтани ҷои сеюм ноил гардида, иштирокчии даври ҷумҳуриявии озмуни "Маснавихонӣ" мебошад. Қобили қайд аст, ки дар даври вилоятии озмун бо диплом ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида шудааст.

Дар ин баробар Шоинов Ҳасан дар арсаи шеъру шоирӣ хома ҷавлон дода, худро дар ин талошгоҳ чун шоири ватансарову хештаншиноси ба дӯстдорони шеъру адаби ҳавзаи адабии Кӯлоб бо тахаллуси Заргар нишон медиҳад.

Шеърҳои ӯ пайваста дар рӯзномаҳои «Анвори дониш» ва «Кулябская правда» ба табъ мерасанд.

Тараннуми ватан ва меҳандӯстиву хештаншиносӣ аз мавзуъҳои меҳварии эҷодиёти Заргар ба ҳисоб меравад. Чунончи:

**Ватан сар мешавад аз бӯи модар,**
**Зи файзи нақҳати дилҷӯи модар.**
**Ватан сар мешавад аз ояти ишқ,**
**Ва ё аз чеҳраи хушрӯи модар.**
***
**Ватан тоҷӣ,**
**Ватан тоҷик,**
**Ватан Кӯлоби шӯҳратёр,**
**Ватан ту Тоҷикистонӣ.**

Дар робита ба маҳорату тавонмандии ӯ дар эҷоду пардози сухан адибону шоирон ва чеҳраҳои маъруфи кишвар баҳои баланд дода, нуктаҳои ҷолиби диққатро низ баён доштаанд. Чунончи шоир-Лутфи Хомӯш дар ин робита мегӯяд: "Ӯ шоири ширинкалом, заргари нозукэҷод аст.

**Лек Заргар шоир асту заргар аст,**
**Олим асту Мавлавӣ афкори ӯ.**
**Дар паи фаҳмидани афсунгар аст,**
**З-ин ақида мекашад хирвори ӯ".**

Ва ё Мирзо Бекматов, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, мефармояд: "Ӯ дӯсти хонадон ва ҳамсафари писарам Бозоралӣ, шоири боистеъдод аст". Ҳамчунин шоир - Анора, гуфтаанд: "Ман ӯро Заргари тезчанголи шеъру шоирӣ унвон мекунам". Раҷабалӣ Худоёров - номзади илмҳои филологӣ, шоир гуфта: "Заргар фарди фарзонаи Хатлонзамин ва адиби намоён аст". Ё ин ки шоир - Алимуҳаммад Муродӣ, бо таманнои парвози баланди эҷодӣ ба шоир баён медорад: "Бародари азиз Шоҳинзода! Худо парвози бахтатонро чун парвози шоҳин баланд гардонад". Дар ин радиф Неъматулло Раҳматзода- шоир, Шоинов Ҳасанро фарзанди баруманди диёр шинохта, орзуи офияти ӯро дорад: "Ӯ беҳтарин фарзанди баруманди давру замон ва шоири шинохта мебошад.

**Худовандо нигаҳ дорад саратро,**
**Сари бе ҷурму хону ҳам даратро".**

Тахаллуси Заргар реша ва пояаш бар он алоқаманд аст, ки ӯ тарбиятёфта ва дорандаи мактаби бузурги аз машҳуртарин ҳунарҳои қадимаи мардумӣ-заргарӣ, ба ҳисоб меравад. Заргарӣ қадимтарин ва машҳуртарин навъи санъати ороиши амалии миллист. Оилаи онҳо дар рушд ва бунёди ин мактаб дар минтақаи Кӯлоб саҳми назаррас дошта, ин навъи фаъолиятро дар доираи хонавода бо иҷрои кори сирф дастӣ ба роҳ мондаанд ва Ҳасан Шоинов яке аз заргарони номдори шаҳри Кӯлоби бостонӣ ба ҳисоб рафта, ӯ то имрӯз баробари фаъолияти пурсамар ва саҳм гузоштанаш дар рушди ин навъи ҳунари мардумӣ, чандин шогирд омода намудааст. Доир ба ҳунармандии хонаводаи Шоиновҳо ҳамчун оилаи заргар студияи "Тоҷикфилм" филми ҳуҷҷатиеро низ соли 1992 ба навор гирифтааст.

Аз гузаштаи пурифтихори фарҳангу тамаддуни ниёкон бармеояд, ки бузургонамон илму донишро дар ҳамаи асру замонҳо қадр намудаанд. Ҳамчунон мардумони роҳии ин пешаи маърифатафзоиву донишгустарӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва қадршиносӣ қарор гирифтаанд.

Моҳи августи соли 2023 дар Қасри миллат, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро супориданд, устод Шоинов Ҳасан низ бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд. Ин қадршиносиҳо барои ҳамкорон ва шогирдону пайвандон мояи ифтихору сарфарозист.

Дар интиҳои матлаб ба Шоинов Ҳасан дар роҳи пуршарафи таълиму тарбияи ҷавонон барору комёбиҳои беназир таманно намуда, ҳоҳони тансиҳатӣ ва дарозумрии эшон мебошем.

*Муҳаммадҷони Абдувоҳид*
*«Анвори дониш»*

*Илм чун дар дил занад ёре шавад,*
*Илм чун дар тан занад боре шавад.*
*Ф. Аттор*

Анвори дониш
№1 (346), ЧОРШАНБЕ, 14.02.2024

**Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем.**

**Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

## МУҲОКИМАИ 3 РИСОЛАИ НОМЗАДӢ ДАР ЯК РӮЗ

Санаи 11.01.2024 дар факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаҳои номзадии муаллими калони кафедраи математика ва методикаи таълими он-Ҳусайнов Руҳулло Салоҳиддинович, дар мавзуи “Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна” зери роҳбарии илмии доктори илмҳои физикаю математика, профессор, директори Институти илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи назди ДДБ ба номи Носири Хусрав-Комилӣ Абдулҳай Шарифзода ва рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи мазкур-Бажова Малика Амирулоевна, дар мавзуи “Асосҳои методии фардигардонии таълими элементҳои анализи математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” таҳти роҳбарии илмии доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон- Нугмонов Мансур, баргузор гардид. баргузор гардид.

Ҳамчунин дар ин рӯз муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳо-Ёқубов Алишер Ашуралиевич, дар мавзуи “Таърихи санъати Осиёи Марказӣ ва Шарқ оид ба кандакорӣ дар чуб ва истифодаи он дар равияи таълими технологияи материалҳо” бо роҳбарии илмии номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи озмоишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав-Раҳмонов Ҳамид Обидович, доир шуд.

Дар кори муҳокимаҳо Ғуломов Ислом-профессори кафедраи математика ва методикаи таълими он, Сатторов Абдурасул-профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Комилӣ Абдулҳай-профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Болтаев М.А. - номзади илмҳои химия, дотсенти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Самариддинова Зайнаб, дотсент, декани факултети физика ва математикаи Донишгоҳ, Сироҷиддини Давлаталӣ, дотсент мудири кафедраи математика ва методикаи таълими он ва дигар омӯзгорон иштирок намуданд.

Дар рафти муҳокима ҳамчун муқарризони холис баромад намуда, ҳусну қубҳи рисолаи илмиро арзёбӣ намуда, пешниҳоду тавсияҳои худро ироа намуданд.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии муаллими калони кафедраи математика ва методикаи таълими он Ҳусайнов Руҳулло бо дарназардошти тавсияҳо анҷомёфта ҳисоб шуда, барои муҳокимаи давраи навбатӣ тавсия карда шуд.

Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба муҳаққиқон ва роҳбарони илмии онҳо барору комёбиҳо таманно намуда, ба онҳо дар ҷодаи илму дониш муваффақиятҳои нав ба навро орзу менамоянд.

## СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

Раёсат, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи феврали солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!

Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффақият пайваста амалӣ гардад.

1. РАСУЛОВА НОДИРА, 01.02.1981, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ;
2. ОРИФОВ ОРЗУ, 01.02.1986, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълими он;
3. ҚАЛАНДАРОВ САЙИДАСРОР, 01.02.1947, муаллими калони кафедраи МТФ ва ТМ;
4. МУҚИМОВ ОДИНАШО, 02.02.1961, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ;
5. ҚУРБОНЗОДА ДАЛЕРХУҶА, 02.02.1995, асситенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
6. ҚОСИМОВ АЛИҶОН, 02.02.1995, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
7. АЗИМОВ РАҶАБАЛӢ, 02.02.1960, мудири кафедраи мудофиаи граждании ва омодагии дифои ҳарбӣ;
8. НАИМОВ АНВАР, 02.02.1983, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
9. РАҲИМОВ РАМАЗОН, 02.02.1997, ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълими он;
10. КУЧАРОВ АЛИХОН, 03.02.1995, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
11. ШЕРОВ РУСТАМ, 04.02.1983, ассистенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ;
12. ҲАЙДАРОВ МУСЛИМ, 05.02.1986, ассистенти кафедраи равоншиносӣ;
13. НИЛУФАРИ САЙДАҲРОР, 05.02.1994, ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он;
14. МАЗАРИФОВ МАНУЧЕҲР, 05.02.1996, ассистент кафедраи таърих ва ҳуқуқ;
15. ҚУРБОНОВ КАРОМАТУЛЛО, 06.02.1993, ассистент кафедраи методикаи таълими забони хориҷӣ;
16. БОЗОРОВ ИСФАНДИЁР, 06.02.1996, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит;
17. АБДУЛЛОЕВ ДИЛОВАР, 09.02.1993, ассистенти кафедраи фанҳои табиию риёзӣ ва методики таълими он;
18. АЛИЕВА БАХТИНИССО, 10.02.1973, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;
19. ҚУРБОНЗОДА КАРОМАТУЛЛО, 10.02.1994, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
20. ҶУМАЕВ МУҲИДДИН, 12.02.1987, ассистент кафедраи равоншиносӣ;
21. МУНИСАИ МАҲМАРАБӢ, 12 02.2003, хабарнигори рӯзномаи «Анвори дониш»;
22. АСОЕВА КОМИЛАХОН, 13.02.1965, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони ҳозираи рус;
23. ҒАФФОРОВ САТТОР, 13.02.1949, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ
24. ФОЗИЛОВ СУБҲОН, 15.02.1942, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
25. ҚАЛАНДАРОВА МАНЗУРА, 16.02.1978, ассистенти кафедраи МТФ ва ТМ;
26. ҶОБИРОВ ШОКИРҶОН, 16.02.1991, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
27. НАБИЕВ РИЗВОН, 16.02.1989, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
28. ЗУЛФИЯИ ҶИЁНХОН, 17.02.1990, ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
29. ИСУФОВ ДИЛШОД, 17.02.1983, номзади илмҳои кишоварзӣ, декани факултаи химия ва биалогия;
30. ЗАРИФОВ ҲАБИБУЛЛО, 18.02.1995, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
31. САОДАТИ РАҲМОНАЛӢ, 18.02.1992, ҷонишини декан оид ба тарбия дар факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг;
32. ГУЛМАДШОЕВ ШОКИР, 20.02.1986, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ;
33. БОЗОРОВ ХУШВАХТ, 20.02.1955, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
34. ЁРМАТОВ АЛИШЕР, 20.02.1992, муаллими калони кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
35. МАҲМАДИЗОДА АБДУРАҲМОН, 22.02.1994, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитари ва МТ-и он;
36. ТАҒОЕВ САЙМУМИН, 22.02.1994, ҷонишини декан оид ба таълим дар факултети омӯзгорӣ;
37. АЛИМОВ ҚОБИЛ, 23.02.1996, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;
38. ҒУЛОМОВА МОҲИРА, 23.02.1971, мудири кабинети кафедраи математика ва методикаи таълими он;
39. ЭРГАШЕВА ШАҲНОЗА, 25.02.1984, ассистенти кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ;
40. ОДИНАЕВ АБДУЛФАЁЗ, 25.02.1974, муаллими калони кафедраи илмҳои педагогӣ;
41. ҚОДИРОВА ДИЛАФРӮЗ, 25.02.1971, дотсенти кафедраи МТФ ва ТМ;
42. МИРЗОЕВА МАҲТОВБӢ, 25.02.1958, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷик;
43. АБДУЛЛОЕВА ШАҲНОЗА, 27.02.1988, ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
44. МАДАМИНОВА МУРОДБЕГИМ, 27.02.1983, лаборанти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
45. ШАРИФОВ АҲЛИДДИН, 28.02.1996, ассистенти кафедраи фалсафа;
46. ГУЛРӮИ СӮҲРОБ, 29.02.1992, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ;
47. САФАРОВ САЙТОҶИДДИН, 29.02.1988, мудири кафедраи методикаи таълими информатика

*Таҳияи Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус*

АНВОРИ ДОНИШ

**МУАССИС:**
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,**
доктори илмҳои фалсафа, профессор

**АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,**
доктори илмҳои таърих, профессор

**МИРЗОЕВ САЛИМ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**РАФИЕВ САФАРХОН,**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**САФАРЗОДА МУНИР,**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**САРМУҲАРРИР:**
**МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД**

**ТАРРОҲИ КОМПЮТЕРӢ:**
**ИБРОҲИМИ ЮСУФ**

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Рӯзнома на ба ҳама афкори муаллифон мувофиқ аст ва андешаҳои мухталифро ба хотири риояи гуногунандешӣ ба табъ мерасонад.

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.
Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

**НИШОНӢ:**
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63